Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№16 (1423)

Панҷшанбе,
18 апрели соли 2024

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР ИН ШУМОРА:



### ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДӢ - ИМКОНИ ЭҲЁИ ТАЪРИХИ БОЮ РАНГИНИ МИЛЛАТИ БОСТОНИ ТОҶИК

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Қалъаи Хуҷанд

Саҳ.2

### ВОХӮРИИ СУДМАНД

Баррасии номутобиқатиҳо дар самти ширкатҳои ба хизматрасонии нақлиёти мусофиркашонӣ машғулбуда

Саҳ.7

### ФАЪОЛИЯТИ СОХТМОНӢ БО КАДОМ ТАРТИБ АНДОЗБАНДӢ КАРДА МЕШАВАД?

Замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлат буда, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминро бо асосҳо, шартҳо ва андозае, ки Кодекси замин ва қонунгузории маданӣ муайян намудааст, идора (бегона) карда, мақсаднок истифода намоянд

Саҳ.10

### ГИРИФТАНИ РАҚАМИ МУШАХХАСИ АНДОЗСУПОРАНДА ДАР РЕҶАИ ОНЛАЙН

Ба ҳар андозсупоранда - шахси воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ, филиал ва (ё) намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ҳангоми баҳисобгирӣ дар мақомоти андоз ба сифати андозсупоранда рақами мушаххаси андозсупоранда дода мешавад

Саҳ.12

### ТАРТИБИ ЗИЁД КАРДАНИ САРМОЯИ ОИННОМАВӢ ДАР ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУД

Сармояи оинномавӣ андозаи ҳадди ақалли амволи ҷамъиятро муайян мекунад, ки манфиати кредиторони онро кафолат медиҳад. Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шакли ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ муайян карда мешавад

Саҳ.13

# ТАТБИҚИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ




# ИМКОНИЯТҲОИ МАВҶУДА БАРОИ ТАЪМИН НАМУДАНИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ПЕШБИНИШУДАИ АНДОЗ

## ГУЗОРИШ АЗ ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МУҲОКИМАИ НАТИҶАИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 ВА ВАЗИФАҲО БАРОИ ДАВРАҲОИ МИНБАЪДА

Дар ҷаласаи васеи ҳайати Мушовараи Кумитаи андоз, ки 14 апрели соли 2024 барпо шуд, Худоёрзода Худоёр Бахтиёр - сардори Раёсати молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлатзода Нусратулло Муқим - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони Раиси Кумитаи андоз, сардорони сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, муовинони сардорон, сардорони шуъбаҳои сарраёсату раёсатҳо, сардори Раёсати андози андозсупорандагони калон ва сардорони нозиротҳои андози андозсупорандагони калон, нозиротҳои он дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсатҳои андоз дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони нозиротҳои андоз, сардорони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ даъват шудаанд. Дар ҷаласаи Мушовара масъала «Оид ба муҳокимаи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар семоҳаи якуми соли 2024 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда» мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

(Давомаш дар саҳ.6)

# ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДӢ - ИМКОНИ ЭҲЁИ ТАЪРИХИ БОЮ РАНГИНИ МИЛЛАТИ БОСТОНИИ ТОҶИК

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Қалъаи Хуҷанд



Ҳамватанони азиз!

Ҳозирини арҷманд!

Бори дигар мардуми сарбаланди Тоҷикистон ва сокинони шарафманди вилояти Суғдро ба ифтихори ҷашни муқаддаси ниёгонамон – Наврӯз, иди саиди Фитр ва баъди азнавсозӣ ифтитоҳ гардидани ёдгории таърихиву фарҳангии «Қалъаи Хуҷанд», ки туҳфаи арзандаи наврӯзӣ ба мардуми шарифи Тоҷикистон ва меҳмонони кишварамон мебошад, самимона табрик мегӯям.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ ба ҳама маълум аст, ки миллати тамаддунсози тоҷик дар масъалаҳои меъмориву ободкорӣ ва шаҳрсозиву шаҳрдорӣ собиқаи беш аз шашҳазорсола дошта, дар таърихи тамаддун ва фарҳанги башарӣ нақши мондагор гузоштааст.

Истиқлолу озодӣ барои мо имконият фароҳам овард, ки барои эҳё намудану муаррифӣ кардани таърихи бою рангини миллати бостонии худ иқдомоти шоистаро амалӣ намоем, анъанаҳои неки аҷдодиро идома дода, ба аҳли башар исбот созем, ки мо миллати тамаддунсозу соҳибфарҳанг, шаҳрдору шаҳрсоз, соҳибдевону соҳибқалам, соҳибкитобу соҳибмаърифат ва ҳамеша созандаву бунёдкор будем ва имрӯз низ ҳастем.

Мо арзишҳои деринаи таърихӣ, суннату анъанаҳо ва расму ойинҳои неки миллиамонро эҳё карда, онҳоро ба хотири баланд бардоштани худогоҳиву худшиносии мардуми куҳанбунёдамон рушд дода истодаем.

Ҳукумати мамлакат ба масъалаи эҳё кардану ҳифз намудан, нигаҳдорӣ ва тарғиби мероси таърихиву фарҳангӣ пайваста таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар кишварамон зиёда аз 100 ёдгории таърихиву фарҳангӣ тармиму барқарор ва даҳҳо ҷашну чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ доир карда шуданд.

Азнавсозии Қалъаи Муғ, шаҳраки Саразм, осорхонаи Панҷакенти бостонӣ, осорхонаи академик Бобоҷон Ғафуров, баргузории ҷашни шоири маъруфи тоҷик – Камоли Хуҷандӣ ва даҳҳо иқдому чорабиниҳои дигар дар вилояти Суғд аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ, нашри силсилакитоби «Ахтарони адаб», ба ҳар як оилаи кишвар дастрас гардонидани китоби «Тоҷикон»–и Бобоҷон Ғафуров, бунёди даҳҳо театр, қасрҳои фарҳанг, китобхонаҳо ва боғҳои фарҳангу фароғат аз дастовардҳои даврони истиқлоли давлатӣ дар соҳаи фарҳанги миллӣ ба шумор мераванд.

Ҳоло онҳо барои баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, ҳисси миллӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ ва зебоидӯстиву забоипарастии мардуми мамлакат, бахусус, наврасону ҷавонон хизмат карда истодаанд.

Арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги ниёгон ва дар ин замина барқарор сохтану обод нигоҳ доштани мавзеъҳои таърихии Ватани азизамон яке аз суннатҳои арзишманди мардуми тоҷик, бахусус, аз ҷумлаи хусусиятҳои неки ҷашни наврӯзӣ мебошад.

Тоҷикистон ҳанӯз соли 1993 ба узвияти ЮНЕСКО – яке аз сохторҳои бонуфузи Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг пазируфта шуд.

Минбаъд мо барои муаррифии иншооти таърихиву фарҳангии миллати тоҷик талошҳои зиёд ба харҷ додем.

Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид мақоми байналмилалӣ гирифтани Соли нави аҷдодии мо – Наврӯз ва аз тарафи ЮНЕСКО ҳамчун мероси фарҳанги башарӣ эътироф гардидани «Шашмақом», чакан, атласу адрас ва дигар осору арзишҳои тоҷикон имрӯз мояи ифтихори ҳар яки мо мебошад.

Боиси ифтихор аст, ки танҳо дар соли 2023 мо тавонистем 12 иншооти таърихиву фарҳангии тоҷиконро ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид созем.

Ба хотири муаррифии ҳарчи бештари таъриху фарҳанги миллӣ, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таъриху тамаддуни тоҷикон, тармиму барқарорсозӣ ва муҳофизати ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, рушди сайёҳии таърихиву фарҳангӣ ва ҳимояи арзишҳо ва манфиатҳои миллӣ мо чанд рӯз қабл дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳидаи давлатӣ – Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангиро таъсис додем.

Дӯстони азиз!

Дар машварати ҷамъбастии лоиҳаи «Дастгирии ёдгориҳои Шоҳроҳи абрешим», ки соли 2019 доир гардида буд, 6 ёдгории таърихиву фарҳангии вилояти Суғд, аз ҷумла Қалъаи Хуҷанд барои силсилаҷоизаи «Ёдгориҳои Осиёи Марказӣ дар Шоҳроҳи абрешим: гузаргоҳи Фарғона – Сирдарё» ба Феҳристи пешакии мероси фарҳанги умумибашарии ЮНЕСКО номнавис гардид.

Азнавсозии Маҷмааи фарҳангиву таърихии «Қалъаи Хуҷанд», ки имрӯз ифтитоҳ гардид, идомаи ташаббусҳои фарҳангпарваронаи Ҳукумати мамлакат мебошад.

Қалъаи Хуҷанд яке аз калонтарин қалъаҳои дорои таърихи дерина ба ҳисоб рафта, қисми боқимондаи он дар маркази шаҳри имрӯзаи Хуҷанд, дар соҳили чапи Сирдарё ҷой гирифтааст.

Ин қалъа дар асрҳои ҳафтуми пеш аз мелод бунёд гардида, то асри нуздаҳум вуҷуд дошт.

Дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ аз Қалъаи Хуҷанд бозёфтҳои нодири давраҳои пурифтихори таърихи халқи тоҷик – Ҳахоманишиён, Селевкиён, Юнону Бохтар, Ҳайтолиён, Сомониён ва монанди инҳо ба даст омадаанд.

Қалъаи Хуҷанд дар баъзе сарчашмаҳо бо номи Александрияи Эсхата низ ёд шуда, муборизаи қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик бар зидди аҷнабиён маҳз аз ҳамин қалъа шурӯъ гардидааст.

Ташкили экспедитсияи археологӣ ва гузаронидани ҳафриёт дар мавсими саҳроии солҳои 2019 – 2020 дар Қалъаи Хуҷанд ба бостоншиносон имконият дод, ки осори аз давраҳои гуногун маҳфузмондаро пайдо намоянд ва қалъа ба яке аз мавзеъҳои таърихиву сайёҳӣ табдил дода шавад.

Соли 2024 барои гузаронидани корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва омӯзиши археологии Қалъаи Хуҷанд маблағҳои зарурӣ ҷудо гардида, ҳоло корҳои кофтуковӣ идома доранд.

Борҳо таъкид кардаам ва бо истифода аз фурсати муносиб, бори дигар хотирнишон менамоям, ки дар замони муосир, махсусан, дар шароите, ки бархӯрди тамаддунҳо ва арзишҳои гуногуни фарҳангӣ торафт шиддат гирифта истодааст, танҳо тавассути амиқ омӯхтани таърих ва тарғибу ташвиқи мероси ғании таърихиву фарҳангӣ ба таъсири харобиовари равандҳои ҷаҳонишавӣ истодагарӣ кардан имконпазир мебошад.

Воқеан, таърихи бостониву пурифтихори халқи тоҷик ва мероси гаронбаҳои моддиву маънавии гузаштагон, аз ҷумла ёдгориҳои таърихӣ бузургтарин мактаби худшиносӣ барои ҳар як фарди ҷомеа, махсусан, наврасону ҷавонон аст.

Имрӯз дар кишвари мо зиёда аз се ҳазор ёдгории таърихӣ мавҷуд аст, ки ҳар кадоми он таваҷҷуҳи олимони маъруфи ватаниву хориҷӣ ва сайёҳону меҳмононро ба худ ҷалб менамояд.

Дар ин раванд, ба истифода додани Маҷмааи фарҳангиву таърихии «Қалъаи Хуҷанд» яке аз рӯйдодҳои муҳимми фарҳангии кишварамон дар оғози соли нави аҷдодӣ мебошад.

Бо истифода аз иштироки роҳбарону фаъолон ва соҳибкорони бонангу номуси вилоят дар чорабинии имрӯза, мехоҳам як масъаларо таъкид намоям.

Ҳамаи шумо аз вазъи ниҳоят мураккабу печидаи ҷаҳони муосир хуб огоҳ ҳастед.

Дар шароити имрӯза мо бояд ҳарчи бештар кор кунем, заҳмат кашем, созем, Ватанамонро боз ҳам обод гардонем, истеҳсоли маҳсулотро афзоиш диҳем, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бунёд намоем, барои ҳамдиёронамон ҷойҳои корӣ муҳайё кунем ва шиддати муҳоҷирати меҳнатиро то тавонем коҳиш диҳем.

Барои ин дар вилоят ҳамаи шароиту имкониятҳо, алалхусус, дар самти коркарди маҳсулот, рушди ҳунармандиву косибӣ – атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ, заргариву кандакорӣ ва дигар ҳунарҳои дастӣ мавҷуданд.

Ман дирӯз дар машварати корӣ бо роҳбарон ва фаъолони вилоят хотирнишон намудам, ки имсол барои кишварамон боз як соли хотирмони таърихӣ – 30-солагии қабули нахустин Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон мебошад.

Мо бояд ин санаи таърихиро бо дастовардҳои сазовор дар ҳамаи соҳаҳо истиқбол намоем.

Ҳамчунин, мо бояд ҳар рӯзро барои вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ба хотири истиқболи арзандаи ҷашни муқаддасу бузурги миллиамон – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ самаранок истифода барем.

Бовар дорам, ки мардуми заҳматкарини вилояти Суғд чун ҳарвақта аз уҳдаи ин корҳо ба хубӣ ва бо сарбаландӣ мебароянд.

Бори дигар ҳамаи мардуми шарифи Тоҷикистон, сокинони сарбаланду заҳматкарини вилояти Суғд, шаҳри бостонии Хуҷанд ва шумо – ҳозирини арҷмандро ба муносибати ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ, иди саиди Фитр ва ифтитоҳи як гӯшаи нави таърихиву фарҳангӣ сидқан табрик гуфта, ба ҳар яки шумо саодати рӯзгор, зиндагии пурбаракат ва иқболи баланд орзу менамоям!

Саломату сарбаланд бошед!

# ГУЗОРИШ АЗ САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

■ Ноҳияи Бобоҷон Ғафуров

## Ифтитоҳи корхонаи ҶДММ “Титан 8888”

Дар корхонаи нави саноатӣ, ки масоҳаташ 1,3 гектарро ташкил медиҳад, асосан, радиатор - таҷҳизоти гармидиҳӣ, дегҳои гуногунҳаҷм барои рӯзгор ва чароғакҳои равшанидиҳанда (прожектор) истеҳсол карда мешаванд ва бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани иншооти муҳташами тавлидотӣ 100 нафар мутахассиси маҳаллӣ бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд. Оянда дар ин ҷо шумораи кормандон, дар маҷмӯъ, ба 170 нафар расонида мешавад ва дар айни замон музди миёнаи меҳнат 2500 сомониро ташкил медиҳад.

Корхонаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Титан 8888” бо мақсади саҳмгузорӣ дар раванди татбиқи ҳамаҷонибаи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар “Солҳои рушди саноат” ва истиқболи шоиста аз 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ – бародарон Тоҷибоевҳо бо харҷи зиёда аз 25 миллион сомонӣ бунёд гардид.

Дар корхона бо истифода аз хатҳои муосири технологӣ, ки аз ширкатҳои бонуфузи Чин, Туркия ва Русия харидорӣ шудааст, дар як моҳ 500 тонна ва дар як сол 6 ҳазор тонна партови алюминий коркард ва аз он маҳсулоти тайёр истеҳсол карда мешавад.

Ҳоло дар корхона 2 намуди таҷҳизоти гармидиҳӣ, 3 намуд чароғакҳои равшанидиҳанда ва зиёда аз 20 намуд дег барои рӯзгор, ки ҳаҷмаш аз 2 то 300 литрро ташкил медиҳад, бо дизайни хос ва сифати баланд истеҳсол карда мешаванд.

Дар ҳудуди корхона ҳамзамон 6 анбор барои нигоҳдории ашёи хом ва маҳсулоти тайёр сохта ба истифода дода шуда, бунёди бинои маъмурӣ, ошхона бо фарогирии 80 ҷойи нишаст ва дигар иншооти ёрирасон имкон медиҳад, ки кормандон дар шароити мусоиду беҳтар фаъолияти назаррас дошта бошанд.

Мавриди зикр аст, ки қаблан талаботи бозори дохилӣ бо ин намуди молу маҳсулот пурра аз ҳисоби воридот таъмин карда мешуд. Баъди ифтитоҳи корхонаи мазкур, имкон аст, ки бештар аз 50 фоизи талаботи бозори дохилӣ бо таҷҳизоти гармидиҳии радиатор, дегҳои гуногунҳаҷм барои рӯзгор ва чароғакҳои равшанидиҳанда аз ҳисоби маҳсулоти худӣ таъмин карда шавад.

Зимни шиносоӣ бо раванди истеҳсолот ба Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ашёи хом - алюминийи дуюмдараҷа аз ҳудуди ҷумҳурӣ дастрас гардида, дар печҳои махсус гудохта мешавад ва раванди иҷрои корҳои марбут ба қолаббандӣ, суфтасозӣ, рангубор, васлу насби қисмҳои алоҳида, инчунин банду басти маҳсулоти тайёр дар коргоҳҳои алоҳида мутобиқ ба меъёру талаботи замони имрӯз сурат мегирад.

Таъкид гардид, ки мақсади асосии муассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Титан 8888” баланд бардоштани сифат, паст кардани нархҳо ва қонеъ гардонидани дархосту ниёзи мизоҷон, тадриҷан ворид шудан ба бозори кишварҳои ҳамсоя ва хориҷи дур мебошад.

Масъулони корхона азм доранд, ки дар оянда талаботи аҳолӣ, ташкилоту муассисаҳои кишварро ба инобат гирифта, ҳаҷму номгӯйи маҳсулотро зиёд намоянд ва дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Хоруғ мағозаҳои фирмавии худро таъсис диҳанд. Ҳамзамон ҷиҳати содироти маҳсулоти тайёр - таҷҳизоти гармидиҳӣ, дег ва чароғакҳои равшанидиҳанда ба хориҷи кишвар нақшаҳо тарҳрезӣ гардида, дар ин самт бо як қатор ширкатҳои тиҷоратии Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Озарбойҷон шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шудааст.

**Рӯзҳои 9-11 апрел Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади мулоқот бо сокинон, иштирок дар тантанаҳои ҷашни Наврӯз, шиносоӣ бо вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ҷараёни корҳои кишоварзии баҳорӣ, нақшаю тадбирҳои бунёдкорию созандагӣ ва ифтитоҳи иншооти соҳаҳои гуногун ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вилояти Суғд қарор доштанд.**



## Ифтитоҳи ҶДММ “Муосир-пласт”

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд ба фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Муосир-пласт” оғоз бахшиданд.

Иншооти соҳаи саноат ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар бо навтарин технологияи истеҳсоли кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон бунёд гардида, иқтидор дорад, ки дар як сол аз 20 то 60 млн дона маҳсулот истеҳсол намояд.

Дар навбати аввал бо истифода аз 3 хатти технологӣ ва 50 намуди қолаб зарфҳои яккаратаи пластикӣ барои ширинихо, нӯшокиҳо, тармеваю хушкмева, маҳсулоти ширӣ ва хӯрокворӣ омода гардида, наздики 50 нафар баъд аз омӯзиши нозукиҳои таҷҳизоти замонавӣ соҳиби корӣ доимӣ шуданд.

Ин аввалин корхона дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, ки фаъолияти худро пурра ба истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот равона намудааст.

Қаблан ин намуди маҳсулот ба ҷумҳурӣ аз хориҷи мамлакат ворид карда мешуд. Аз рӯи маълумот дар як сол тақрибан ба маблағи 175 миллион доллари амрикоӣ маҳсулоти тайёри пластикӣ аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад. Ба роҳ мондани истеҳсоли чунин намуди маҳсулот ба коҳиши сатҳи вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулоти воридотӣ мусоидат намуда, даромаднокӣ ва сатҳи зиндагии мардум ба ин восита хубтар мегардад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароиту имкониятҳои корхона иқдоми соҳибкорони ватаниро дар самти рушди соҳаи саноат намунавӣ арзёбӣ карда, таъкид намуданд, ки дар доираи “Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” ва фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ бояд шумораи чунин корхонаҳои истеҳсолӣ дар мамлакат зиёд карда шавад ва ин роҳи муҳими афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва таъмини сокинон бо ҷойҳои корӣ мебошад.

■ Шаҳри Бӯстон

## Боздид аз коргоҳи истеҳсоли “Ванадий” дар Коргоҳи фаръии “Истеҳсоли гидрометаллургӣ”-и КВД “Фулузоти нодири Тоҷикистон”

9 апрел Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Бӯстон ташриф оварда, дар коргоҳи истеҳсоли “Ванадий”-и Коргоҳи фаръии “Истеҳсоли гидрометаллургӣ” бо хатти истеҳсолӣ пас аз анҷоми корҳои навсозӣ ва барқарорсозӣ шинос шуданд.

Бояд қайд кард, ки коргоҳи мазкур аз солҳои 80-ум инҷониб бе кор буд ва пас аз танаффуси тӯлонӣ хатти аввали истеҳсолии коргоҳ дар доираи амалӣ намудани иқдомҳо ҷиҳати рушди соҳаи саноат ва роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда пурра навсозӣ гардида, дар он истеҳсоли “Поливанадати аммоний” ва “Панҷоксидаи ванадий” роҳандозӣ гардидааст.

Коргоҳ иқтидор дорад, ки дар як сол то 200 тонна маҳсулот истеҳсол намуда, ба бозорҳои ҷаҳонӣ пешниҳод намояд. Маҳсулоти истеҳсолшуда таъиноти содиротӣ дошта, ба Федератсияи Русия, кишварҳои Аврупо ва Ҷумҳурии Узбекистон содирот мешавад ва ин таҷрибаи нахустин ба ҳисоб меравад.

Коргоҳ дар асоси ашёи хоми воридотӣ фаъолият намуда, ҳамкорӣ бо корхонаҳои азими Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Узбекистон барои дастрассозии ашёи хом ба роҳ монда шудааст.

Зимни боздид иттилоъ дода шуд, ки маҳсулоти ниҳоии коргоҳ серхаридор буда, “Ванадий” барои мустаҳкамсозии таркиби металл, тобовар намудани он ба гармиву сардии аз меъёр зиёд ва дар саноати истеҳсоли рангҳои ороишӣ ба таври васеъ истифода карда мешавад. Хатти истеҳсолии коргоҳ дар асоси технологияи ватанӣ ва аз Федератсияи Русия бо ҷалби сармояи дохилӣ пурра навсозӣ шуда, сифати баланди маҳсулотро мутобиқи талаботи бозорҳои ҷаҳонӣ таъмин мекунад.

Барои истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ашёи хом аз 10 марҳалаи коркард гузашта, сипас дар доираи стандартҳои ҷории байналмилалӣ маҳсулоти ниҳоӣ истеҳсол карда мешавад ва назорати сифати он низ бо ҷалби мутахассисони баландтаҷриба роҳандозӣ гардидааст.

Ба кор шурӯъ кардани хатти истеҳсолӣ идомаи тадбирҳо дар роҳи рушди истеҳсолоти ватанӣ, афзоиш додани номгӯйи маҳсулоти саноатии дар дохили кишвар истеҳсолшаванда ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти таъиноти содиротидошта буда, натиҷаи татбиқи босамари нақшаҳои “Солҳои рушди саноат” маҳсуб мешавад.

Дар ҳамин ҷо ҳамчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дурнамои рушди Корхонаи воҳиди давлатии “Фулузоти нодири Тоҷикистон” ошно гардиданд.

Зимни муаррифӣ иттилоъ дода шуд, ки дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат корхона ҳадаф дорад марҳала ба марҳала иқтидори худро барқарор намуда, истеҳсоли маҳсулоти гуногуни саноатиро афзоиш диҳад. Аз он ҷумла, дар оянда қисмати дигари коргоҳи истеҳсоли “Ванадий” навсозиву барқарор хоҳад шуд.

Дар ин баробар, “Лоиҳаи корхонаи раванди холисгардонии тилло ва нуқра”, “Лоиҳаи корхонаи безараргардонии замин ва коркарди дубораи партовҳои саноатӣ” ва “Лоиҳаи Маркази муосири логистикӣ” муаррифӣ карда шуд. Гуфта шуд, ки бунёди “Маркази муосири логистикӣ”, аллакай, оғоз гардида, тибқи нақша, дар дохили он сардхона, анбор, минтақаи гумрукӣ, минтақаи бастабандӣ, ошхона, хобгоҳ ва дигар иншооти зарурӣ бунёд карда мешавад.

Тибқи нақша, “Корхонаи раванди холисгардонии тилло ва нуқра” дар асоси технология ва методҳои нави холисгар-

донӣ бунёд ёфта, он ба ҷалб намудани ширкатҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ ба хизматрасониҳои холискории худ ва ташкили ҳамкориҳои нав дар соҳаи истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо мусоидат менамояд. Ҳамчунин бунёди ин корхона дар оянда мавқеи Тоҷикистонро дар бозори ҷаҳонии металлҳои қиматбаҳо ба таври назаррас таҳким хоҳад бахшид.

■ Шаҳри Гулистон

## Ифтитоҳи коргоҳи коркарди моҳӣ

9 апрел Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Сарбанди шаҳри Гулистони вилояти Суғд коргоҳи коркарди моҳиро мавриди истифода қарор дода, бо раванди фаъолияти хатти истеҳсолӣ шинос шуданд.

Коргоҳи истеҳсолӣ аз зумраи иншооти ҷашнӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ маҳсуб ёфта, тавоноии он дар як рӯз ва дар як баст коркарди 1 тонна моҳӣ ва истеҳсоли беш аз 5000 қуттӣ консерваи моҳӣ мебошад.

Коргоҳ дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат ба хотири таъмини сохторҳои низомӣ ва бозори дохилӣ бо консерваи моҳӣ таъсис дода шуда, дар он дар 2 баст 50 нафар сокини маҳаллӣ, ки аксаравшро занону духтарон ташкил медиҳанд, бо ҷойи корӣ таъмин гардидаанд.

Дар айни ҳол, коргарон бо истифода аз захираи ашёи хом ва хатҳои муосири технологӣ консерваи моҳиро дар зарфҳои оҳании 200-грамма коркарду истеҳсол менамоянд.

Иншооти соҳаи саноат дар заминаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Таъминоти моҳӣ" аз Ҷониби ҷамъияти дорои масъулияти Корпаратсияи "Моҳии тоҷик" дар ҳамкорӣ бо Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, дар роҳи расидан ба ҳадафҳои муҳими стратегӣ саноатикунонии босуръат ва таъмини амнияти озуқаворӣ қадами устувор аст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми мазкурро дар самти қонеъ сохтани талаботи аҳолӣ бо ин намуди маҳсулоти парҳезӣ ва таъмини сохторҳои низомӣ муҳим арзёбӣ намуда, масъулонро вазифадор карданд, ки ба сифати маҳсулоти истеҳсолгардида диққати зиёд диҳанд.

Инчунин дастур дода шуд, ки дар баробари зиёд намудани ҳаҷми истеҳоли консерваи моҳӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби занону духтарон, ҳамзамон барои таъсиси сардхонаҳои замонавӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Феълан дар яхдонҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Таъминоти моҳӣ"-и Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори зарурӣ моҳии яхкардашуда, консерваи мурғ ва дигар намуди маҳсулот барои коркард ва таъмини талабот захира гардида, дар он 80 нафар кор мекунанд.

■ Шаҳри Истаравшан

## Боздид аз Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Шамси Ориён"

10 апрел сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд идома ёфт.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Шамси Ориён" дар деҳоти Зарҳалоли шаҳри Истаравшан ҷойгир аст.

Дар ин ҷамъият барои аҳолӣ, мақомоти давлатию идорӣ ва дигар муассисаҳои хоҷагидорӣ маҳсули кори ҳунармандон, аз қабили дуредгарӣ, кандакорӣ, сохтани дару тиреза, кат ва ҳама гуна коркарди чӯбу тахта пешниҳод мешавад.

Ашёи хом дар коргоҳ аз Малайзия, Чин, Италия, Русия, Эрон, Олмон ва Туркия дастрас мешавад. Барои сохтану омода намудани сутунҳо, айвонҳо, чӯбдеворҳо ва дастранҷи дигари устоҳои коргоҳи мазкур аз дарахтони шумтол, булут, олаш, ҷалғӯза, зерфун, заранг ва чормағз истифода мебаранд.

Зимни боздид Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо муассиси Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Шамси Ориён" суҳбати самимӣ анҷом дода, ба кори устоҳои коргоҳ баҳои баланд доданд.

Бо талошу ташаббусҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робитаҳои дӯстиву тиҷоратӣ ва транзитӣ бо давлатҳои дунё хуб ба роҳ монда шудааст. Ин аст, ки имрӯз барои харидориву дастрасии таҷҳизоти гуногун, аз ҷумла дастгоҳҳои корхонаҳои истеҳсолӣ аз давлатҳои хориҷ имконот фарох буда, муассисони коргоҳу корхонаҳо ва соҳибкорони ватанӣ ҷиҳати харидорӣ ва расониданy мавриди истифода қарор додани дастгоҳҳову таҷҳизоти гуногун тадбирҳои муасир амалӣ менамоянд.

## Ифтитоҳи корхонаи истеҳсоли халтаҳои полипропилении ҶДММ "Нур-пак"

Корхонаи нави саноатӣ дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар бо саҳми бародарони соҳибкор аз оилаи Мусоевҳо бунёд гардидааст.

Дар корхона 2 хатти муосири технологӣ, ки аз кишварҳои пешрафта ворид гардидааст, бо ҷалби мутахассисони ватанӣ васлу насб шуда, 10 намуд халтаи полипропилении гуногунҳаҷм бо ғунҷоиши аз 5 то 70 килограм истеҳсол карда мешавад.

Маҳсулоти истеҳсолии корхона ивазкунандаи воридот буда, дар дохили кишвар ба роҳ мондани он нисбат ба воридот аз хориҷи кишвар 20 маротиба бартарӣ дорад. Ҳоло шумораи кормандон 30 нафарро дар бар гирифта, соҳибкор уҳдадор шуд, ки ба наздикӣ ин шумораро ба 100 нафар мерасонад.

Тамоми номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшаванда аз лиҳози намуд ва сифат ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, дар баробари пешниҳод ба бозорҳои дохилӣ ба хориҷи мамлакат низ содирот карда мешавад.

Халтаҳои полипропилении истеҳсоли ин корхона сифати баланд дошта, барои захираи ғалладона, картошка, пиёз ва дигар навъи маҳсулоти кишоварзӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳадаф аз таъсиси корхонаи истеҳсоли халтаҳои полипропиленӣ тақвияти иқтидори саноатии вилояти Суғд ва таъмини бозорҳои кишвар бо маҳсулоти ватанӣ арзёбӣ мегардад.

Тибқи иттилои масъулон, дар айни замон, дар шаҳри Истаравшан 95 корхонаи хурду бузурги саноатӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо солона беш аз як миллиард сомонӣ маҳсулоти гуногуни рақобатпазири бозори ҷаҳонӣ истеҳсол мешавад.

## Ифтитоҳи Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Исмоили Сомонӣ ва муҷассамаи шоҳ Исмоили Сомонӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Истаравшан бо пардабардорӣ аз муҷассамаи бунёдгузори давлати тоҷикон шоҳ Исмоили Сомонӣ Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Исмоили Сомониро ифтитоҳ намуданд.

Ин макони истироҳату фароғат дар заминаи дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани шароити лозима барои сайру гашт ва истироҳати сокинон, машғулиятҳо ба кӯдакону наврасон дар масоҳати 2,4 гектар замин ба маблағи 4,5 миллион сомонӣ бо дарназардошти талаботи муосир ва санъати баланди меъморӣ бунёд шуда, ба маркази шаҳри Истаравшан зебоии дигар бахшид.

Корҳои сохтмонӣ соли 2023 бо фармоиши Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан оғоз ёфта, аз ҷониби бинокорони Ташкилоти ҷамъиятии клуби "20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар давоми 2 сол сохта шуда, дар рафти корҳои сохтмонӣ 100 нафар сокинони маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин гардиданд.

Барои истироҳату фароғати хушу хотирмони сокинон ва меҳмонону сайёҳон роҳравҳои васеъ, гулгаштҳои зебо, нишастгоҳҳо, суҳбаткадаҳо ва барои дӯстдорони варзишу тарбияи ҷисмонӣ ва машғулияти кӯдакон ҷойҳои махсус ташкил ва таҷҳизоти варзишӣ насб карда шудааст, ки макони истироҳату бозии кӯдакон, тамрини наврасону ҷавонон ва солимгардонию тарбияи бадан барои сокинон мебошад. Дар шомгоҳон намои боғи фарҳангию фароғатӣ хеле зебою дилрабо гардида, 70 адад сутунпояҳо бо дастгоҳҳои равшанидиҳанда ва чароғакҳои гуногунранг ба ҳудуди иншоот ҳусни дигар зам мекунанд.

Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Истаравшанро ҷойи истироҳату фароғат ва нишонаи арҷу эҳтиром ба давлатдории тоҷикон маънидод кардан мумкин аст.

Сокинони шаҳри Истаравшан бунёди чунин макони зебои фарҳангию фароғатиро боз як иқдоми созанда ва шаҳодати вусъати бунёдкориҳо дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, шарофати сулҳу суботи ҷомеа ва ҳадафҳои созанда арзёбӣ намуданд.

## Боздид аз намоиши ҳунарҳои мардумӣ

Дар идомаи сафари корӣ дар шаҳри Истаравшан ва ифтитоҳи боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Исмоили Сомонӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳи ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллии ҳунармандону сокинони шаҳри Истаравшан боздид намуданд.

Намоишгоҳи сокинон, ҳунармандони шаҳри Истаравшан дар ду растаи алоҳида ва 20 хайма ташкил ёфта, дар он тарзи омода сохтани нону таомҳои миллӣ, тайёр кардани шириниҳо ва ҳамзамон ҳунарҳои қадимӣ - ашёи рӯзгор, гулдӯзию зардӯзӣ ва дигар номгӯи ҳунарҳо нишон дода шуд.

Ба намоишгоҳ санъат ва ҳунарҳои бостонии наққошӣ, кундалкашӣ, кандакорӣ, сохтани армуғонҳо аз чуб, созтарошӣ, сандуқсозӣ, мисгарӣ, оҳангарӣ, кордсозӣ, чармгарӣ, кулолгарӣ, заргарӣ, шонагарӣ, аҷубасозӣ, рассомӣ, гулдӯзӣ, зардӯзӣ, тоҷидӯзӣ, читгарӣ, кашидадӯзӣ, адрасу атласбофӣ, қолинбофӣ, либосҳои миллии тоҷикӣ, ки маҳсули дасти ҳунармандони чирадаст мебошад, зебу зиннат бахшидаанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳунармандони шаҳри Истаравшан суҳбати самимӣ доир карда, таваҷҷуҳи аҳли ҳунарро ба ҳарчи бештар кор фармудани тахайюли эҷодӣ дар омодасозии ашё, равнақи ҳунар, омодасозии шогирдон ҷалб намуданд.

Таъкид гардид, ки ҳунарҳои қадимаи ба талаботи замони имрӯза мувофиқ дар замони рушди илму техника ва истеҳсолот ҳамоно моҳияти хешро нигоҳ дошта, талабот ба он зиёд аст.

Гузаштагони мо аз замонҳои хеле қадим ба ҳунармандӣ ва косибӣ шуғл дошта, дар тӯли асрҳои зиёд ҷиҳати эҷоди садҳо навъи ҳунар роҳ кушоданд. Дар замони имрӯз низ ҳунари дастӣ, ки бо завқу салиқаи баланд омода мешавад, таваҷҷуҳи сайёҳон ба армуғонҳо бештар буда, маҳсули кори ҳунармандон дар баробари муаррифии ҳунару фарҳанги миллӣ воситаи даромад ба ҳар шахси соҳибҳунар мегардад.

Шаҳри Истаравшан аз нигоҳи ҷуғрофӣ дар минтақаи шоҳроҳи Абрешим ҷойгир буда, ҳамчун шаҳри ҳунармандон аз қаъри асрҳо маъруф аст ва беш аз 160 номгӯй ҳунару ҳунармандӣ ин ҷо мавҷуд аст. Бояд ёдовар шуд, ки як давра таваҷҷуҳ ба касбу ҳунарҳои қадимӣ кам гардид ва баъди соҳибистиқлолии кишвар бо таваҷҷуҳ ва дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул ва татбиқи "Барномаи давлатии рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", таъсиси грантҳои давлатӣ, бунёди бинои таълимии "Коллеҷи ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумӣ" дар шаҳри Истаравшан ва ҷалби ҷавонон ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ аз нав эҳёву рушд ёфтанд ва имрӯза намоиши ҳунармандӣ ва пешниҳоди садҳо намунаи маҳсули ҳунару маҳорат бозгӯи ҳунари асили тоҷикон аст.

## Мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Суғд

10 апрел Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистон бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Суғд машварати корӣ доир карданд.

Дар кори машварат натиҷаҳои фаъолияти бахшҳои муҳими иқтисодии вилоят дар се моҳи соли 2024, рафти иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи барномаҳои давлатӣ, амалисозии ҳадафҳои стратегии мамлакат ва чараёни корҳои созандагию ободонӣ ба ифтихори ҷашни умумимиллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, вазифаҳо барои давраи оянда муайяну мушаххас гардид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафари навбатии кориро ба як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят натиҷагирӣ карда, оид ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд ва вазъи зудтағйирёбандаву мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ андешаронӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки вазъияти ҷаҳони муосир ҳар яки моро водор менамояд, ки аз ҳарвақта дида, бештар кору фаъолият намоем ва барои пешгирӣ кардани таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллӣ тамоми захираву имкониятҳоро истифода кунем.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки тағйирёбии иқлим ва таъсири манфии он ба иқти-

содиёти кишвари мо, пеш аз ҳама, ба соҳаҳои энергетика, саноат, кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ идома дошта, илова бар ин, шиддат гирифтани низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни дунё низоми муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ, аз ҷумла иқтисоди миллии моро тахти таъсир қарор дода истодааст.

Бинобар ин, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарур шумурданд, ки мардум бо истифода аз табиати мусоиди кишвар тамоми захираву имкониятҳоро барои ҳифзи амнияти озуқаворӣ мамлакат сафарбар созанд ва истифодаи самараноки онҳо, хусусан, обу заминро таъмин намоянд.

Вилояти Суғд дар таъмини бозори истеъмолии мамлакат ва дастрасӣ ба ғизои хушсифат нақши муҳим дошта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварии кишвар қариб 30 фоиз ва маҳсулоти чорводорӣ 28,7 фоизро ташкил медиҳад.

Президенти мамлакат хотирнишон намуданд, ки солҳои охир бинобар омилҳои пешгӯинашаванда, бахусус, тағйирёбии бесобиқаи иқлим ва оқибатҳои ногувори он - камобиву хушксолӣ, инчунин, боловавии нархи маҳсулоти озуқа таъминоти аҳолӣ бо маводи ғизоӣ торафт мушкил гардида истодааст.

«Чунин ҳолат моро водор месозад, ки дар ҷамаи сатҳҳо, аз ҳар як оила сар карда, то муассисаҳои иҷтимоӣ ва хоҷагиву корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонӣ сарфакорона истифода бурдани обу нерӯи барқро дар тамоми фаслҳои сол, ҳатто дар тобистон қатъиян таъмин намоем», - таъкид карданд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Президенти мамлакат зиёд намудани майдони кишт, гузаронидани кишти такрорӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани рушди бемайлони истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро барои таъмини бозори истеъмолии кишвар, соҳаи саноат бо ашёи хом ва афзоиши содироти маҳсулот аз масъалаҳои муҳимтарин дар самти ҳалли ин мушкилот номиданд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки тайи ду - се соли охир дар вилоят сохтори кишти зироатҳо риоя нагардида, дар заминҳои обӣ тамоюли зиёд кишт гардидани гандум ва юнучқа ба назар мерасад. Аз ин рӯ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки бо мақсади таъмини бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти ғизоӣ кишти зироатҳои баҳориро сари вақт ва бо сифати баланд анҷом дода, риояи таркиби сохтори кишт ва иҷрои нишондиҳандаҳои дурнаморо таъмин намоянд.

Зимни таҳлили вазъи соҳаи саноат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ба 6,1 миллиард сомонӣ расида, дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2023-юм ҳамагӣ 6 фоиз зиёд шудааст, ки ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар мутобиқ нест.

Суръати рушди нишондиҳандаи мазкур дар ин давра 4,1 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Боиси нигаронист, ки дар ин давра дар ҳудуди вилоят 29 корхонаи саноатӣ аз фаъолият бозмондааст. Ҳамчунин, дар ин давра дар вилоят 20 корхонаи саноатӣ барҳам хӯрдааст. Таъкид гардид, ки имкониятҳои истифоданашудаи вилоят дар самти рушди саноат, махсусан, саноати истихроҷ ва коркард ниҳоят зиёданд.

Пешвои миллат зарур шумурданд, ки ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа, ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва зиёд намудани суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, бахусус, дар соҳаҳои коркард чораҳои мушаххас андешида шаванд.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки барои бо иқтидори пурра фаъолият намудани корхонаҳои истихроҷ, истифодаи самараноки конҳои маъдан ва то маҳсулоти тайёр коркард намудани маъдан чораҳои қатъӣ андешанд.

«Тавассути афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, хусусан, молҳои ивазкунандаи воридот мо метавонем бозори дохилиро бо маҳсулоти хушсифат ва безарар таъмин намуда, пеши роҳи воридоти ҳар гуна маҳсулоти пастсифат ва зарароварии хориҷиро гирем», - изҳор доштанд Сарвари давлат.

Бо дарназардошти чунин вазъ, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти гумрук, роҳбарияти вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳо ва дигар мақомоти дахлдор вазифадор карда шуданд, ки барои вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва кам кардани воридоти он чораҷӯӣ намоянд.

Таъкид гардид, ки дар ин раванд, ба масъалаи ҷалби ҳарчи бештари сармояи дохиливу хориҷӣ, воридоти технологияҳои нав ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти босифати рақобатнок бояд диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Дар соли 2024 дар вилоят бунёду азнавсозии 132 муассисаи соҳаи тандурустӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, 27 маркази саломатӣ дар шаҳру ноҳияҳо, марказҳои саломатии деҳот, бунгоҳҳои саломатӣ, беморхонаҳо ва дигар муассисаҳои тандурустӣ сохта, ба истифода дода мешаванд.

Ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани фаъолият дар самти сайёҳӣ ва назорати корҳои ободонию бунёдкорӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарур шумурданд, ки ба масъалаи ободу сабзкории шаҳру ноҳияҳо, тозаву озода нигоҳ доштани ҳар як хонаву кӯча ва маҳалли зисти аҳолӣ, ташкили иншооти сайёҳӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, ҳунармандӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ эътибори боз ҳам бештар дода шавад.

Илова бар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор шуданд, ки ҷиҳати кабудизоркунии шафати роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ниҳолшинонӣ ва васеъ намудани майдони дарахтони сояафкану мевадиҳанда чораҳои амалиро ба роҳ монанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он супориш доданд, ки ҷиҳати иҷрои саривақтӣ ва босифати нақшаҳои пешбинигардида, инчунин, риояи меъёрҳои қабулшудаи сохтмон ба санъати баланди меъморӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Таъкид гардид, ки вазъи риояи меъёрҳои диниву мазҳабӣ, мафкуравию эътиқодӣ ва иҷрои талаботи қонунгузорӣ, аз ҷумла қонун дар бораи танзими расму ойинҳо дар вилояти Суғд ташвишовар мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотирнишон карданд, ки соли ҷорӣ барои кишвари мо соли таърихӣ - 30-солагии қабули аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад ва мо бояд ин санаи муҳимми таърихиро бо дастовардҳои арзанда истиқбол намоем.

Дар ин раванд, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии мардум ва ба онҳо фаҳмонидани зарурати зиндагиву кор кардан танҳо дар доираи қонун вазифаи муҳимми роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар роҳбарону фаъолон ва аҳли зиё дониста шуд.

Дар фурӯварди суханронӣ Сарвари давлат зарур шумурданд, ки ҳар рӯз ба хотири вусъат бахшидани раванди ободонии Ватан ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок истифода шавад.

■ **Шаҳри Хуҷанд**

## Ифтитоҳи корхонаи истеҳсоли равған

Дар идомаи сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Минтақаи саноатии шимолу шарқии шаҳри Хуҷанд корхонаи истеҳсоли равғанро, ки дар заминаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сирдарё» бунёд гардидааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Корхонаи нав ба истеҳсоли равғани пахта ва офтобпараст машғул буда, дар як сол иқтидор дорад то 18 ҳазор тонна равғани растанӣ истеҳсол намояд.

Дар навбати аввал маҳсулоти ниҳоии корхона ба қонеъсозии эҳтиёҷоти бозори дохилӣ ҳамчун маҳсулоти ивазкунандаи воридот равона гардида, дар оянда содироти он низ дар назар дошта шудааст.

Корхонаи нави равғанбарории Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сирдарё» бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ ва воридотӣ фаъолият менамояд. Хосса барои истеҳсоли равғани пахта чигит, асосан, аз дохили мамлакат дастрас мегардад, ки ин тасмим ба коркарди пурраи ашёи хоми маҳаллӣ дар дохил ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз он бо тамғаи «Истеҳсоли Тоҷикистон» мусоидат менамояд.

Маҳсулоти ниҳоии корхона дар зарфҳои гуногуни пластикӣ басту банд гардида, бо шаклу намуди зебои бозоргир пешниҳоди харидорон карда мешавад. Бояд гуфт, ки зарфҳои пластикӣ низ дар шакли маҳсулоти нимтайёр ворид корхона гардида, бо истифода аз дастгоҳҳои муосир барои басту банд дар сехи алоҳида омода карда мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносой ба технологияи корхонаи нав баҳои баланд дода, кормандонро вазифадор намуданд, ки назорати сифати маҳсулотро дар доираи талаботи ҷорӣ ҷиддӣ ба роҳ монанд.

Бояд гуфт, ки дар давоми чанд соли охир ба хотири таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти баландсифати истеҳсоли ватанӣ дар доираи барномаҳои мушаххаси давлатӣ бахши саноати хӯроквории рушд намуд. Аз он ҷумла шумораи корхонаҳои истеҳсоли равған танҳо дар вилояти Суғд ба 37 адад расонида шуд ва соли 2023 дар вилоят 21,6 фоизи равғани растании ҷумҳурӣ истеҳсол гардидааст. Ифтитоҳи корхонаи нави истеҳсоли равғани растанӣ ҳаҷми истеҳсолотро афзоиш дода, таъминоти аҳолиро бо равғани худӣ беҳтар мегардонад.

Иттилоъ дода шуд, ки ширкат ғайр аз корхонаи ифтитоҳгардида ҳамчунин дорои коргоҳҳои «ММК», Гармхонаи инноватсионии «ММК-агро» ва Корхонаи истеҳсолии «Сайҳун» буда, нақши он дар таъмини бозорҳо бо маҳсулоти макаронӣ, ширӣ, маҳлулҳои антисептикӣ ва маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ назаррас мебошад.

Ҳамчунин дар назар дошта шудааст, ки дар оянда ҷамъият маҳсулоти ниҳоӣ, аз он ҷумла равған ва маҳсулоти кишоварзиро ба дигар кишварҳо содирот намояд. Дар маҷмуъ, дар корхона ва гармхонаи инноватсионии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Барс» феълан то 600 нафар соҳиби кори доимӣ ва мавсимӣ буда, ин нишондиҳанда дар оянда афзоиш дода мешавад.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки давоми чанд соли оянда ҷамъият бунёду ба истифодадиҳии Маркази савдои «Суғдиён мол» бо 340 ҷойи корӣ, Гармхонаи инноватсионии ҳолландӣ дар масоҳати аз 3 то 5 гектар ва Корхонаи истеҳсоли хӯроки чорво ва парандаро ба нақша гирифтааст. Дар маҷмуъ, дар иншооти банақшагирифта дар солҳои баъдӣ аз 500 то 700 сокини маҳаллӣ соҳиби кор ва маоши хуб хоҳанд гашт.

## Ифтитоҳи Маҷмааи таърихиву фарҳангии «Қалъаи Хуҷанд» баъд аз таъмиру навсозӣ

Тадбирҳои марбут ба эҳё ва барқарорсозии Қалъаи Хуҷанд дар ҷойи таърихии ин мероси гаронбаҳои бостонии халқи тоҷик бо ибтикору ҳидояти бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давоми 6 сол бо сатҳу сифати баланд амалӣ гардид.

Маврид ба таъкид аст, ки пеш аз оғози корҳои лоиҳакашӣ дар самти эҳё ва барқарорсозии Қалъаи Хуҷанд бо ҷалби мутахассисони Вазорати фарҳанг, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, бостоншиносону таърихнигорон ва этнографҳо дар ҷойи иншоот корҳои археологӣ, муҳандисӣ, топографӣ, геологӣ ва ҳафриёту таҳқиқоти илмию амалӣ гузаронида шуда, хулосаҳои амиқ ва дақиқ пешниҳод гардиданд. Бо ҳамин тартиб дар асоси пешниҳоди олимону мутахассисон корҳои эҳё ва барқарорсозии қалъа сурат гирифта, нишонаҳои таърихии ин ёдгории қадимӣ пурра ҳифз карда шуд.

Натиҷаи ковишҳои археологии чанд соли охир ва ба даст омадани бозёфтҳои нодир нишон медиҳанд, ки воқеан ҳам Қалъаи Хуҷанд дорои таърихи куҳан буда, ҳифзу нигаҳдории он барои муаррифии таъриху фарҳанг ва маданияти миллати тоҷик амри зарурию муҳим мебошад.

Қалъаи Хуҷанд ба ҳайси истеҳкоми бозътимод, ки таърихи сеҳазорсола дорад, бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд эҳё ва барқарор карда шуд.

Дар асоси лоиҳа деворҳои атрофи қалъа, арку дарвозаҳои он барқарор гардида, бинои маъмурӣ, растаҳои ҳунармандон, ошхонаи миллӣ, намунаи хонаву ҳавлиҳои қадимаи шаҳри Хуҷанд, меҳмонхонаву осорхона, чойхона, растаҳои болопӯшида барои омода намудани таомҳои миллии мардуми тоҷик, ҳаммому нуқтаҳои хизматрасонӣ ва дигар иншооти ёрирасон сохта шудаанд

Бинои муҳташаму мунаққаши толорҳои намоишии таъриху фарҳанги халқи тоҷик, ки дар масоҳати зиёда аз 3 ҳазору 365 метри мураббаъ қомат афрохтааст, аз як гумбази асосӣ, ду гумбази миёна ва 4 гумбази хурд иборат мебошад.

Дар ороиши бино, ки 5 толори намоишӣ дорад, санъати миллии меъмории тоҷик, ба монанди кандакорӣ, наққошӣ, кундалкорӣ, коркарди бадеии чӯб, санг, гачкорӣ, кошинкорӣ, буриш ва ғайра ба таври васеъ истифода шудааст.

Бо дарназардошти арзиши гарони таърихӣ доштани нигораҳои гирдоварда-шуда, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулонро вазифадор намуданд, ки ба хотири ошно намудани шаҳрвандони кишвар, насли наврасу ҷавон ва сайёҳони дохиливу хориҷӣ бо таъриху тамаддуни бой, фаъолияти маҷмааро бештар тарғиб намуда, мутахассисони беҳтаринро барои муаррифии гӯшаҳои он ҷалб намоянд.

# ИМКОНИЯТҲОИ МАВҶУДА БАРОИ ТАЪМИН НАМУДАНИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ПЕШБИНИШУДАИ АНДОЗ

## ГУЗОРИШ АЗ ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МУҲОКИМАИ НАТИҶАИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024 ВА ВАЗИФАҲО БАРОИ ДАВРАҲОИ МИНБАЪДА

**(Аввалаш дар саҳ.1)**

Тавре дар маърӯзаи ҳисоботӣ қайд шуд, дар натиҷаи чораҳои тибқи дастурҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ андешидашуда, иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар семоҳаи якуми соли 2024 ба андозаи 105,9% таъмин гардида, ба ҷойи 4 млрд 532,9 млн сомонӣ, ба буҷети давлатӣ 4 млрд 802,4 млн сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 269,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ин давра, иҷрои нақшаи андозҳо ва пардохтҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 105,3%, вилоятҳои Хатлон – 102,5%, Суғд – 101,9%, шаҳри Душанбе – 108,8%, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ – 104,5% ва Раёсати андози андозсупорандагони калон – 92,2% таъмин карда шуд.

Гарчанде ки дар давраи ҳисоботӣ иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ дар миқёси ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, таъмин гардида бошад ҳам, бо дарназардошти вазъи бамиёномадаи минтақа ва ҷаҳон, ҷиҳати дастгирии буҷети давлатӣ, хусусан, буҷети ҷумҳуриявӣ вобаста ба маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ, имконияти бештар таъмин намудани нишондиҳандаҳои пешбинишуда мавҷуд буданд.

Таҳлилу баррасии маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки дар семоҳаи якуми соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ки дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ҳиссаи он бештар аз 40 фоизро ташкил медиҳад, ба андозаи 108,0 фоиз, кишоварзӣ 106,7%, ҳаҷми умумии гардиши савдо 112,3% ва хизматрасониҳои пулакӣ 116,5% рушд ёфтааст. Аз он ҷумла дар вилояти Суғд афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ – 106,0%, савдо – 106,6%, хизматрасониҳо – 101,6%, вилояти Хатлон саноат – 105,8%, савдо – 131,0%, хизматрасонӣ – 104,7%, шаҳри Душанбе саноат – 113,3%, савдо – 112,4%, хизматрасонӣ – 124,8%, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, соҳаи саноат – 112,0, савдо – 107,2% ва хизматрасонӣ – 124,8 фоизро ташкил медиҳад.

Омӯзиши масъала гувоҳӣ медиҳад, ки манбаъҳои андозбандӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт рушд дошта, дар сурати аз ҷониби сарраёсату раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз андешида шудани чораҳои зарурӣ, ба буҷет боз даҳҳо миллион сомонӣ маблағҳои иловагӣ ворид мегардид.

Бо дарназардошти ҳолатҳои қайдгардида, сарраёсатҳо, раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз бори дигар таъкид карда мешаванд, ки ҷиҳати дар соли 2024 пурраю барзиёд ва сифатнок таъмин гардидани иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ бо дарназардошти ухдадории иловагӣ, чораҳои иловагӣ андешанд.

Бақияи қарзи андозҳо (бе дарназардошти қарзҳои ҶСК "НОБ Сангтуда-1" – 186,6 млн сомонӣ) ба ҳолати 1 апрели соли 2024, дар маҷмӯъ, 724, 0 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба аввали соли 2024 ба маблағи 76,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ин давра, маблағҳои нисбатан зиёди қарзи андозҳо, асосан, ба ҶДММ "Талко Ресурс" – 75,4 млн сомонӣ, ҶСК "Шабакаҳои тақсимоти барқ" – 57,3 млн сомонӣ, ҶСК "Тоҷиктелеком" ва корхонаҳои тобеи он – 38,8 млн сомонӣ, ҶДММ ТА КМ "Анзоб" – 41,1 млн сомонӣ, КФ "Кони ангишти Зиддӣ" – 15,5 млн сомонӣ, ҶСК "Алюминсохтмон" – 20,2 млн сомонӣ, ҶСК "НБО "Роғун" – 9,5 млн сомонӣ, Агентии захираҳои моддии давлатӣ – 9,5 млн сомонӣ, ҶСК "Ангишт" – 9,3 млн сомонӣ, КТ "Авесто" – 7,8 млн сомонӣ, ҶСК "Авитсенна" – 7,7 млн сомонӣ, КВД Коммуналии "Хизматрасонии нақлиётии санитарӣ"- 7,3 млн сомонӣ, ҶСП "Таҷҳизоти аср"- 5,6 млн сомонӣ ва дигар корхонаҳо тааллуқ дошта, дар маҷмӯъ, қарзи ин субъектҳо бештар аз 42,1 фоизи маблағи умумии бақияпулиҳои дар ин давра ба вуҷуд омадаро ташкил дода, нисбат ба аввали соли 2024 – 107,7 млн сомонӣ зиёд гардидаанд.

Бо мақсади тибқи тартиби муқарраршуда рӯёнидани бақияи қарзи андозҳо ва пешгирии зиёдшавии он дар семоҳаи якуми соли 2024 аз тарафи мақомоти андоз нисбати андозсупорандагони қарздор 4780 адад қарор оид ба маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи 234,1 млн сомонӣ қабул гардида, аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2023 қабулшуда, дар маҷмӯъ, ба буҷет 266,1 млн сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 100,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Бояд қайд намуд, ки кормандони шуъбаю бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва ситонидани қарзи андозҳои мақомоти ҳудудии андоз тибқи ухдадориҳои мансабии худ вазифадоранд, ки бо андозсупорандагони ба онҳо вобастакардашуда оид ба сари вақт таъмин намудани иҷрои ухдадориҳои андозӣ, пурра ва сари вақт рӯёнидани бақияи қарзи андозҳои мавҷуда, пешгирии пайдоиши қарзҳои нави андозӣ ва кам намудани шумораи андозсупорандагони қарздор пайваста чораҷӯӣ намоянд.

Бо дарназардошти рушди технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ аз ҷониби Кумитаи андоз номгӯйи хизматрасониҳои электронӣ давра ба давра васеъ карда шуда, ба ҳолати 1 апрели соли 2024 барои андозсупорандагон ва шаҳрвандон (бо дарназардошти муттаҳид ва гурӯҳбандӣ намудан) зиёда аз 43 адад хизматрасонии давлатӣ дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудааст, ки ташкили чунин хизматрасониҳо барои содаю мувофиқ намудани иҷрои ухдадориҳои андозӣ мусоидат менамоянд.

Илова бар ин, ба раванди гузариши андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо тақвият бахшида шуда, дар семоҳаи якуми соли 2024 шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро ба тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, 8,7 ҳазор адад зиёд карда шудааст. Дар айни замон, беш аз 174,0 ҳазор субъекти хоҷагидор (аз он ҷумла 48,0 ҳазор адад шахси ҳуқуқӣ ва 126,0 нафар соҳибкори инфиродӣ) эъломия ва ҳисоботи худро тариқи электронӣ пешниҳод намуда истодаанд, ки 70,2 фоизи шумораи умумии субъектҳои ҳисоботдиҳандаро ташкил медиҳад.

Анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагону шаҳрвандон, аз он ҷумла гузаронидани семинар – машваратаю вохӯриҳо самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз боқӣ монда, ба он таваҷҷуҳи бештар бояд зоҳир карда шавад. Солҳои охир Кумитаи андоз кӯшиш намуда истодааст, ки бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупорандагон, аз технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ бештар истифода намуда, тамоми хизматрасониҳои худро дар шакли электронӣ, бидуни ташриф овардани андозсупоранда ба мақомоти андоз ба роҳ монда, корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро на танҳо зиёд, балки сифатан низ беҳтар намоянд.

Тибқи нақшаи –чорабиниҳои тасдиқнамудаи Кумитаи андоз оид ба гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар семоҳаи якуми соли 2024 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон ва кормандони мақомоти андоз зиёда аз 450 адад семинар – машварату вохӯриҳо гузаронида шудааст, ки 147 адад ё 32 фоиз ба сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, 38 адад ё 8,3 фоиз ба шаҳри Душанбе, 74 адад ё 16,1 фоиз ба вилояти Хатлон, 118 адад ё 25,7 фоиз ба вилояти Суғд, 42 адад ё 9,1 фоиз ба ВМКБ ва 32 адад ё 7,0 фоиз ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Таҳлили мавзуъҳои семинар-машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳии гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки дар ин давра вобаста ба татбиқи муқаррароти Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 22 июни соли 2023, №586) «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ», дар маҷмӯъ, 164 адад семинар - машваратҳо ва вохӯриҳо гузаронида шудаанд, ки ба 36,0 фоизи шумораи умумии корҳои фаҳмондадиҳӣ баробар мебошад.

Мавзуъҳои дигаре, ки дар семинар-машваратҳо андозсупорандагон ба онҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳои маҳаллӣ (аз он ҷумла, андозҳо аз объектҳои ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт, қитъаҳои замин), татбиқи мактуби дастурии Кумитаи андоз (аз 16 январи соли 2023, №469) оид ба андозаи ҳадди ақалли иҷорапулии барои молу мулк муқарраршуда ва дигар масъалаҳо ба ҳисоб мераванд.

Таҳлили махзани маълумоти барномаи алоқаҳои компютерӣ (seminar.andoz.tj) гувоҳӣ медиҳад, ки дар баъзе мавридҳо протоколҳои тартибдода аз натиҷаи семинар-машваратҳои дар соли 2024 гузаронидашуда ба талаботи мактуби дастурӣ аз 23 январи соли 2023, №838/9 ва протоколи намунавии аз тарафи Кумитаи андоз ба мақомоти ҳудудӣ пешниҳодшуда ҷавобгӯ набуда, бо камбудиҳо дар барнома ҷойгир карда шудаанд.

Тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи баланд бардоштани сатҳ ва пайваста беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, кам намудани таъсири омилҳои инсонӣ ва таъмини иҷрои софдилонаи ухдадориҳои мансабии кормандони мақомоти андоз зери назорати пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андоз қарор дошта, бо ин мақсадҳо аз сомона ва почтаи электронӣ, инчунин аз телефони боварии Раиси Кумитаи андоз истифода карда мешавад.

Дар ин давра, тавассути Маркази тамос ва телефони боварии Раиси Кумитаи андоз 13 адад муроҷиат (шикоятҳо) нисбати беамалӣ ё амали ғайриқонунии кормандони мақомоти андоз ворид шуда, дар натиҷаи баррасии онҳо барои дар сатҳи дахлдор риоя ва иҷро накардани ухдадориҳои мансабӣ, вайрон намудани қоидаҳои рафтори кормандони мақомоти андоз ва дигар камбудиҳо, нисбати 12 нафар кормандон тибқи тартиби муқарраршуда муҷозоти интизомӣ татбиқ карда шудааст.

Дар семоҳаи якуми соли 2024 ба Кумитаи андоз оид ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ, шарҳу тавзеҳи Кодекси андоз дар таҳрири нав, тартиби истифодабарии хизматрасониҳои электронӣ ва барномаҳои компютерӣ, тавассути Маркази тамос ба Кумитаи андоз, дар маҷмӯъ, 10,2 ҳазор адад мурноҷиати телефонӣ ва электронӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 – юм 3,6 ҳазор адад зиёд мебошанд.

Сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) аз соли 2007 инҷониб мавриди истифодаи шаҳрвандон ва андозсупорандагон қарор дошта, байни сомонаҳои вазорату идораҳо ва мақомоти давлатӣ яке аз фаъолтарин ба ҳисоб меравад ва тибқи муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» (аз 10.07.2017, №344) пайваста такмил ва азнавсозӣ карда мешавад.

Дар сомонаи Кумитаи андоз ҳамаи намудҳои хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз дар шакли электронӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба масъалаҳои андозу андозбандӣ алоқаманд ҷойгир карда шудаанд, ки андозсупорандагон ва шаҳрвандон метавонанд аз онҳо истифода намоянд.

Дар семоҳаи якуми соли 2024 шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор беш аз 498,0 ҳазор маротиба сомонаи Кумитаи андозро аз назар гузаронида, зиёда аз 1,1 млн маротиба аз саҳифаҳои гуногуни он истифода кардаанд, ки бештар аз 56,4 ҳазор маротибаи он ба истифодабарандагон аз дигар давлатҳо рост меояд.

Бо дарназардошти ҳолатҳои қайд гардида, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар якҷоягӣ бо сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз бори дигар таъкид карда мешаванд, ки ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасониҳои давлатӣ, бо сифат гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, семинар – машваратҳо бо андозсупорандагону шаҳрвандон ва бо тартиби муқарраршуда ба расмият даровардани онҳо, инчунин сари вақт ба барномаҳои компютерӣ дохил намудани маълумоти зарурӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

Дар охир роҳбарият ва кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии он изҳор карданд, ки барои самаранoктар ташкил намудани фаъолияти мақомот, дуруст ва дар сатҳи мутаҳобила судманд ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ имкониятҳо мавҷуданд ва мо бояд дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз он ҷумла дастуру супоришҳои Сардори давлатро, ки аз Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ ва аз маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, роҳнамои фаъолияти худ қарор диҳем ва бе халалдор намудани низоми фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз манбаъҳо ва захираҳои воқеан мавҷуда самаранок истифода карда, ҷиҳати таъмини нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2024 чораҳои иловагӣ андешем.

# ВОХӮРИИ СУДМАНД

## Баррасии номутобиқатиҳо дар самти ширкатҳои ба хизматрасонии нақлиёти мусофиркашонӣ машғулбуда

**12 апрели соли 2024 дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ҷаласаи корӣ доир гардид, ки дар он муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Каъбатулло Меликзода, муовинони Раиси шаҳри Душанбе Абдураҳмон Абдураҳмонзода, Фирдавс Саидзода, сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Диловар Сангаков, роҳбарон ва сармуҳосибони ширкатҳое, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба фаъолияти мусофиркашонӣ машғуланд, ширкат ва суханронӣ карданд.**

Дар ҷаласа, асосан, масъалаҳои бақайдгириву ба андозбандӣ ҷалб кардани субъектҳое, ки тобеи ширкатҳои ба фаъолияти мусофиркашонӣ машғуланд, шарҳу тавзеҳи муқаррароти қонунгузории андоз, вазъи нигаронкунандаи бақияи қарзи андозҳои ширкатҳои мусофиркашонӣ ва дигар масъалаҳои марбути соҳа мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Ҷаласаро муовини Раиси Кумитаи андоз Каъбатулло Меликзода ҳусни оғоз бахшида, ба намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, роҳбарону сармуҳосибони ширкатҳои ба фаъолияти мусофиркашонӣ машғулбуда ҷиҳати ҳамкории зичашон бо мақомоти андоз ва иштироки пайвастаашон дар семинар-машварату вохӯриҳо ва ҷаласаҳои корӣ миннатдорӣ баён кард. Мавсуф гуфт, ки мақомоти андоз имрӯз, беш аз пеш, кӯшиш намуда истодаанд, ки ҷиҳати сарфаи вақти андозсупорандагон ва осонии кории онҳо, шумораи хизматрасониҳои электрониро зиёд намоянд. Бо ин мақсад, дар барномаҳои компютерии Системаи муттаҳидаи иттилооти идоракунии андозҳо (СМИИА) модулҳои нав таҳия ва пешниҳоди шаҳрвандону андозсупорандагон шуда истодааст.

Сипас, сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Диловар Сангаков вобаста ба масъалаҳои зикршуда сухан кард. Ӯ аз ҷумла гуфт, ки дар натиҷаи амалӣ намудани як қатор чорабиниҳо ҳарчанд риояи қонунгузории андоз дар фаъолияти ширкатҳои хизматрасонии нақлиётӣ беҳтар шудааст, вале ҳоло ҳам ҳолатҳое дида мешаванд, ки боиси нигаронии мақомоти андоз ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ гардида истодааст.

Бахши хизматрасонии мусофиркашонӣ яке аз самтҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки бевосита дар мадди назари роҳбарияти шаҳри Душанбе қарор дорад. Ин аст, ки дар ҳар як ҷаласаву нишастҳо пайваста ба ин самт таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад ва баҳри беҳтар намудани фаъолияти ин соҳа тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад.

Тавре қайд гардид, дар асоси қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе аз 27 декабри соли 2023 ва Нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои соли 2024 бо мақсади пурра ба қайд гирифтани ҳама манбаъҳои мавҷудаи андозбандӣ, хусусан, соҳибкории бе бақайдгирии давлатӣ фаъолияткунанда ва пешгирии шуғли ғайрирасмӣ ба масъулони сохторҳои дахлдор супоришҳои мушаххас дода шудааст.

Д. Сангаков бо такя ба маълумоти дастрасшуда аз Муассисаи давлатии «Душанбенақлиётхизматрасон», дар айни замон дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба 36 адад ширкати ба хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда, 5737 адад квота ҷудо гардидааст. Мутобиқи квотаҳои муайяншуда, дар роҳҳои ҳудуди шаҳри Душанбе ба 5737 ронанда барои анҷом додани хизматрасонии нақлиётӣ тавассути рақамҳои зард (силсилаи №TT) иҷозат дода шудааст. Аз шумораи умумии квотаҳои муайяншуда ба бахши мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти ҷамъиятӣ (таксӣ) бо рақамҳои содакардашуда ба 12 адад ҷамъияти алоҳида 4350 адад квота муайян шудааст, ки ба хизматрасонии нақлиётӣ машғул мебошанд.

Дар асоси муқаррароти моддаҳои 10, 34, 52 ва 103 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ширкатҳои ба фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда уҳдадоранд, ки ҷиҳати сари вақт ба қайд гирифтани ронандагон ва пурра пардохт гардидани маблағи андозҳо мусоидат намуда, ҳамзамон ҳангоми додани роҳхат аз ронандагон бақайдгирӣ дар мақомоти андоз ва пурра пардохт намудани андозҳоро талаб намоянд. Аммо натиҷаи корҳои дар ин самт аҷомёфта нишон медиҳанд, ки аз шумораи умумии квотаҳои пешбинишуда дар кашонидани мусофирон тавассути нақлиёти ҷамъиятӣ (таксӣ) ҳамагӣ 3548 адад ронанда бо патент таъмин буда, боқимонда эҳтимолан бидуни ҳуҷҷати расмии соҳибкорӣ аз ҷониби масъулони ширкатҳо шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шуда, фаъолият карда истодаанд.

Мутобиқи муқаррароти қонунгузории соҳаи андоз, бастани шартномаҳои ҳамкории моҳияти иқтисодидошта бо шахсоне, ки дар асоси қонунҳои мавҷуда фаъолияти худро ба қайд нагирифтаанд, шарикии қасдона ҳисоб ёфта, ин амал ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дониста мешавад. Аз ин хотир, аз роҳбарияти ширкатҳои нақлиётӣ даъват ба амал оварда шуд, ки бо мақсади пешгирии кирдорҳои ғайриқонунӣ ҳамчун агенти андоз, қабл аз бастани қарордодҳо нусхаи ҳуҷҷатҳои бақайдгирии шахсони воқеиро ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар мақомоти андоз талаб намуда, ҳамзамон барои таъмини пардохти саривақтии маблағҳои патенти соҳибкорони фаъолияткунанда мусоидат кунанд. Илова ба ин, қабл аз қатъ намудани шартномаҳои ҳамкорӣ оид ба қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ нусхаи Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатиро талаб намуда, ба қонунвайронкуниҳои навбатӣ роҳ надиҳанд.

Иттилоъ дода шуд, ки ба ҳолати 1 апрели соли 2024 аз ҷониби ҷамъиятҳои хизматрасонии нақлиётии шаҳри Душанбе 2218 адад нақлиёти барқӣ (электромобилҳо) ворид гардида, дар истифода қарор доранд. Аммо дар соли 2023 шумораи умумии бақайдгирии патент аз ҳисоби нақлиёт 1076 адад ва дар семоҳаи якуми соли 2024 ҳамагӣ 358 ададро ташкил дода истодааст, ки дар ин самт номутобиқатиҳо дида мешаванд.

Д. Сангаков зикр намуд, ки мутобиқи муқаррароти банди 11 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №151 "Дар бораи Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда" маъмурияти ташкилотҳои хизматрасонии нақлиётӣ, ки бо субъектҳои соҳибкорӣ шартномаи иҷора ва (ё) шартномаи гирифтани роҳхат ба хатсайрҳоро ба имзо мерасонанд, уҳдадоранд ҳар семоҳа то санаи 10-уми моҳе, ки баъди семоҳаи ҳисоботӣ фаро мерасад, ба мақомоти андози маҳалли қайди худ оид ба чунин субъектҳо, ҷойи фаъолият ва маблағи ҳаққи хизматрасонӣ дар шакли электронӣ маълумот пешниҳод намоянд. Баррасии масъалаи мазкур дар семоҳаи якуми соли 2024 нишон дод, ки мутаассифона, новобаста аз ба анҷом расидани муҳлати пешниҳоди ҳисобот як қатор ширкатҳои нақлиётӣ муқаррароти қарори мазкурро риоя накарда, дар давраи ҳисоботӣ маълумоти электрониро дар ихтиёри худ доштаро ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд.

Масъалаи дигар, ки дар ҷаласа атрофи он сухан рафт, афзоиш ёфтани бақияи қарзи андозҳои ронандагон буд. Мутобиқи таҳлилҳои анҷомёфта, аз 3548 соҳибкори дар асоси патент фаъолияткунандае, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба хизматрасонии нақлиётӣ машғул мебошанд, 1351 нафари онҳо дар назди буҷет аз ҳисоби сари вақт пардохт накардани маблағҳои патент, дар маҷмуъ ба маблағи 2,7 млн сомонӣ қарздор мебошанд. Шумораи бештари ронандагони қарздор, асосан, дар ҶДММ "Олуча Авто" аз ҳисоби 308 ронанда ба маблағи 296,2 ҳазор сомонӣ, ҶСП "Холдинг Осиё гурӯҳ" - 58 ронанда ба маблағи 138,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Талко Персия" - 82 ронанда ба маблағи 242,9 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Муҳаммадҷон Д" - 50 ронанда ба маблағи 112,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Сафар ориён" - 64 ронанда ба маблағи 702,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "ЛТД Мусофирбар" - 67 ронанда ба маблағи 69,4 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Сомон такси сайр" - 30 ронанда ба маблағи 64,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ «Сабоҳ таксӣ» - 14 ронанда ба маблағи 28,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Мехкалона 50" - 27 ронанда ба маблағи 54,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Корвон нақлиёт хизматрасон" - 25 ронанда ба маблағи 71,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Сомон транс" - 17 ронанда ба маблағи 62,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Чархи иқбол" - 95 ронанда ба маблағи 78,6 ҳазор сомонӣ қарздор мебошанд.

Дар ҷаласа аз ҷониби роҳбарияти Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе вобаста ба фаъолияти ҷамъиятҳои хизматрасонии нақлиётии шаҳри Душанбе, ки онҳо талаботи моддаи 269 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро дуруст риоя намекунанд, нигаронӣ карда шуд. Мутобиқи муқаррароти моддаи 269 Кодекси андоз, шахси ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бақайдгирифташуда ва ба рӯйихати андозсупорандагони бемасъулият шомилнашуда, ки амалиёти андозбандишавандаро иҷро менамояд, уҳдадор аст ба гирандаи (харидори) мол (кор ё хизматрасонӣ) ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро пешниҳод намояд.

Бо дарназардошти ин, ширкатҳои мазкур вазифадор гардиданд, ки дар доираи талаботи муқаррароти моддаи 269 Кодекси андоз ба ҳар 1 соҳибкор ҳисобнома-фактураи ААИ-ро тартиб дода, дар он ному насаби соҳибкор бо РМА, намуди воситаи нақлиёт ва рақами давлатии онро бо мақсади дуруст нишон додани манбаъҳои андоз ва аз байн бурдани ҳолатҳои бе қайди мақомоти андоз фаъолият намудан, пешниҳод кунанд.

Дар идомаи ҷаласа муовини Раиси шаҳри Душанбе Абдураҳмон Абдураҳмонзода вобаста ба татбиқи амалии Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рақамикунонии соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ сухан кард. Номбурда изҳор дошт, ки як моҳ қабл барои дар амал татбиқ кардани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" ба ширкатҳои дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба фаъолияти мусофиркашонӣ машғулбуда супориш дода шуда буд, ки муқаррароти фармони мазкурро дар фаъолияти худ давра ба давра таъмин кунанд ва дар нақлиёти хизматрасониву мусофиркашонӣ POS-терминал, QR-рамзҳо ва дигар воситаҳои пардохти электрониро насб намоянд.

Муовини Раиси шаҳри Душанбе Фирдавс Саидзода дар тақвияти гуфтаҳои Абдураҳмон Абдураҳмонзода илова намуд, ки дар ҳақиқат, тавре мушоҳида мешавад, имрӯз таваҷҷуҳи аҳолӣ ба пардохтҳои ғайринақдӣ беш аз пеш зиёд шуда истодааст. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳама ширкатҳои ба фаъолияти мусофиркашонӣ машғулбуда кӯшиш намоянд, ки нисбат ба ин таваҷҷуҳи бештар дошта бошанд.

Номбурда, ҳамчунин вобаста ба масъалаҳои баррасишуда андешаҳои худро баён намуда, барои барҳам додани бақияи қарзи андозҳои ширкатҳои мазкур ба онҳо 1 моҳ муҳлат дод, то қарзи андозҳои худро пурра пардохт кунанд.

Дар рафти ҷаласаи корӣ муовини Раиси Кумитаи андоз Каъбатулло Меликзода зикр дошт, ки бо мақсади аз байн бурдани номутобиқатиҳои ҷойдошта дар самти шумораи ронандагони ширкатҳои нақлиёти мусофиркашонӣ бо шумораи квотаҳои ҷудошуда ва патентҳои ба онҳо додашуда дар фаъолияти ширкатҳои мазкур дар асоси Фармоиши Кумитаи андоз азнавбаҳисобгирӣ (инвентаризатсия) гузаронида мешавад. Бинобар ин, аз намояндагони ширкатҳои дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба фаъолияти мусофиркашонӣ машғулбуда даъват карда шуд, ки барои дуруст анҷом ёфтани ин иқдом мусоидат намоянд.

Дар интиҳо таъкид шуд, ки ҷамъиятҳои хизматрасонии нақлиётиро зарур аст уҳдадориҳои худро оид ба пешниҳоди ҳисобот ва эъломияҳо дар муҳлатҳои муқарраргардида дуруст иҷро карда, даромадҳои худро пурра нишон диҳанд, пардохти андозҳоро сари вақт ба дар ҳаҷми пурра таъмин намоянд.

**Тоҳир ЗИКРУЛЛО**

# ҲАМКОРИИ МУФИД БО АНДОЗСУПОРАНДАГОН

**Бо мақсади беҳтар шудани сифати иҷрои нишондиҳандаҳои андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ кормандони мақомоти андоз бо истифода аз усули муосири коргузорӣ фаъолият намуда, бо андозсупорандагон ҳамкориро мувофиқи матлаб ба роҳ мондаанд. Хусусан, дар шаҳри Левакант дар заминаи ба роҳ мондани корҳои иттилоотию фаҳмонадидиҳӣ ва семинар – машваратҳо мутахассисони мақомоти андоз иҷрои нақшаро барзиёд таъмин намуданд.**



Ба иттилои сардори Нозироти андоз дар шаҳри Левакант Зуҳур Оқилов, нишондиҳандаҳои воридоти андозҳо ба буҷети кишвар дар натиҷаи гузарондани корҳои фаҳмондадиҳӣ нисбатан беҳтар шудааст.

- Дар рафти семинар – машварат ба воҳӯриҳои иттилоотӣ масъалаи вазифаву уҳдадориҳои андозсупоранда, талаботи қонунгузорӣ, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Кодекси андоз, пайдоиши бақияи қарзи андозҳо ва афзоиши маблағи қарз аз ҳисоби фоизҳо ва фармону қарорҳои марбут ба соҳаи андоз, барои андозсупорандагон шарҳ дода шуда, бо онҳо саволу ҷавобҳо ташкил карда шудаанд, - гуфт муовини сардори Нозироти андоз дар шаҳри Левакант Саймурод Қодиров. – Хусусан, дар давоми моҳи феврали соли равон дар рафти воҳӯриҳо, ки бо фарогирии доираи васеи андозсупорандагон гузаронида шуд, омилҳои таъсиррасон дар пайдоиши бақияи қарз ва ҷарима барои сари вақт пардохт нашудани маблағи андози иҷтимоӣ шарҳ дода шудааст.

Тибқи иттилои масъулон нақшаи андози умумидавлатӣ 5 миллиону 580 ҳазору 420 сомонӣ буда, иҷрои он 5 миллиону 640 ҳазору 906 сомониро ташкил медиҳад, ки аз нақша беш аз 60 ҳазор сомонӣ зиёд буда, нақша 101 фоиз таъмин гардидааст. Ба ҳамин монанд, нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 263 ҳазору 702 сомонӣ буда, иҷрои он 1 миллиону 404 ҳазору 642 сомонӣ ташкил гардидааст, яъне нақша 111 фоизро дар бар гирифтааст, ва аз нақшаи пешбинишуда зиёда аз 140 ҳазор сомонӣ маблағи бештар ворид шудааст.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

**Бо баргузории ҷаласаи васеъ, ҳафтаи сипаришуда аз фаъолияти кормандони мақомоти андози вилояти Суғд ҷиҳати таъмини нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ натиҷабардорӣ карда шуд. Дар ҷаласаи васеъ намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, роҳбарият, сардорони шуъба, бахшҳои Раёсати андоз, НААК дар вилояти Суғд, сардорон, муовинон, сарварони шуъба, гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва кормандони масъули нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо ширкат доштанд.**

# ТАҲЛИЛУ БАРРАСИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ СЕМОҲА

Зимни баргузории ҷаласа ҳама самтҳои фаъолияти кормандони мақомоти андози вилояти Суғд бобати иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ, аз рӯи натиҷаҳои се моҳи соли равон, инчунин фаъолияти НААК дар вилояти Суғд, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасии ҷиддӣ қарор дода шуданд. Ҳамзамон вазифаҳо ва самтҳои муҳимтарини фаъолияти кормандони соҳа барои таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ дар марҳалаҳои минбаъдаи соли 2024 муайяну мушаххас гардиданд.

Дар оғози ҷаласаи васеъ доир ба ҷамъбасти фаъолияти кормандони мақомоти андози вилояти Суғд дар семоҳаи якуми соли 2024 сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд Абдуқаюм Воҳидзода маълумоти муфассал дод. Ӯ аз он ҷумла қайд кард, ки дар ин марҳила нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 101,9% таъмин карда шуд. Ба буҷет ба маблағи 1332,6 млн сомонӣ андозу пардохтҳои давлатӣ ворид гардиданд, ки нисбат ба нақша 25,4 млн сомонӣ ва дар қиёс бо ҳамин даврai соли гузашта 203,2 млн сомонӣ ё худ 18,0% зиёд мебошад. Ба истиснои шаҳри Гулистон ва ноҳияи Айнӣ дигар ҳама шаҳру ноҳияҳои вилоят нақшаи даромади буҷети давлатиро таъмин намуданд.

Мутаассифона, дар ин давра, на дар ҳама шаҳру ноҳияҳои вилоят ба сифатнокии иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет аҳамияти зарурӣ дода шудааст. Дар натиҷа, иҷрои нақшаи як намудӣ андоз аз даромад таъмин нашуда, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 20,4 млн сомонӣ маблағ ворид нагардид. Сабабу омилҳои таъмин нагардидани иҷрои босифати нақшаи андозҳоро сардори Раёсати андози вилоят, аз як тараф, ба таъсири омилҳои беруна, пурра фаъолият накардани корхонаҳои калони саноатӣ, кам шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва аз тарафи дигар, ба дуруст роҳандозӣ нагардидани маъмурикунонии андозҳо аз ҷониби нозирони мутасаддӣ, сари вақт пешгирӣ нашудани ҳолатҳои пинҳонкунии даромад, пурра ба андозбандӣ ҷалб накардани манбаъҳои мавҷуда, инчунин нагузаронидани корҳои назоратию таҳлилӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз рӯи маълумоти махзани барномаҳои компютерӣ, маълумоти гумрукӣ ва дигар маълумоти дастрасшуда алоқаманд донист.

Вобаста ба масъалаи қарзи андозҳо дар гузориш зикр гардид, ки бақияи қарзи андоз дар вилоят ба санаи 1 – уми апрел маблағи умумии 83,4 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 1,5 млн сомонӣ коҳиш ёфтааст. Шумораи андозсупорандагони қарздор 7 ҳазору 743 ададро дар бар гирифта, назар ба аввали соли ҷорӣ, дар маҷмуъ, 299 адад кам гардидаанд.

Бо мақсади роҳандозӣ намудани усулҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ дар ин давраи соли ҷорӣ мувофиқи талаботи моддаҳои 132 - 135 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвонии қарздорон 5738 адад огоҳинома ба маблағи умумии 36,5 млн сомонӣ ирсол гардидааст. Аз ҳисоби ин огоҳиномаҳо 19,1 млн сомонӣ маблағи қарзи андозҳо ба буҷет рӯёнида шудаанд, ки 52% - ро ташкил медиҳад.

Дар ҳамин давра, ҳамзамон нисбати 1 ҳазору 837 адад андозсупоранда 2 ҳазору 395 адад қарори маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 51,9 млн сомонӣ татбиқ гардидаанд. Аз ҳисоби қарорҳои қабулшуда оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар ин муддат 29,1 млн сомонӣ ба буҷет ворид гардида, ҳамин тариқ иҷрои 1 ҳазору 386 адад қарор ба маблағи 20,4 млн сомонӣ пурра таъмин шудааст.

Мувофиқи маълумот, дар семоҳаи аввали соли 2024 дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 2 ҳазору 298 нафар шахси воқеӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Аз ин теъдод 232 нафарро соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 992 нафар бо патент, 754 нафар бо шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва 320 ададро хоҷагиҳои деҳқонии инфиродии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ташкил доданд. Ҳамин тавр, ба ҳолати 1 - уми апрели соли 2024 дар миқёси вилоят шумораи соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолияткунанда ба 19 ҳазору 57 нафар ва тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус амалкунанда ба 19 ҳазору 12 нафар расидаанд. Аз ҳисоби фаъолияти ин гурӯҳҳои соҳибкорӣ ба буҷети давлатӣ 30,6 млн сомонӣ андозҳо пардохт гардидаанд. Шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин даврai соли 2023-юм 1 ҳазору 384 нафар ва ҳаҷми маблағи андозҳо ба андозаи 9,7 млн сомонӣ афзоиш ёфтаанд.

Зимни пешниҳоди гузориш таъкид гардид, ки гузаронидани санҷишҳои андоз самти муҳими фаъолияти кормандони мақомоти андоз маҳсуб мешавад. Зеро дар натиҷаи санҷишҳо, на танҳо ҳолати аз ҷониби андозсупорандагон риояи шудани қонунгузории андоз муайян мегардад, балки барои минбаъд роҳ надодан ба қонунвайронкуниҳо ва баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии андозсупорандагон ва сатҳи андозсупории онҳо низ заминагузорӣ карда мешавад. Дар ин замина, аз ҷониби кормандони Раёсати андози вилоят дар давоми семоҳаи аввали соли 2024 нисбати фаъолияти 70 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шудааст. Дар натиҷа, ба маблағи 29,8 млн сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардида, аз он 25,5 млн сомониаш ба буҷет дохил карда шуд. Инчунин аз ҳисоби маблағҳои қаблан дар солҳои 2020 - 2023 барилова ошкоршуда, ки то ин дам рӯёнида нашуда буданд, дар ин давра ба буҷет 1,7 млн сомонӣ ворид гардид.

Ҳамчунин нисбати субъектҳои хоҷагидоре, ки дар фаъолияти худ ба қонунвайронкунӣ ва пинҳонкунии андозҳо ба маблағҳои калон роҳ додаанд, барои чораҷӯии минбаъда ва қабул намудани қарорҳои дахлдор ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 4 маводи санҷишӣ ба маблағи 2,1 млн сомонӣ ирсол шудааст.

Анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз он ҷумла гузаронидани семинар – машварату воҳӯриҳо аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти андоз арзёбӣ гардид. Бо мақсади баланд бардоштани маърифатнокии андозсупорандагон ва дуруст ба роҳ мондани татбиқи муқаррароти қонунгузории андоз дар давоми моҳҳои январ - марти соли равон бо иштироки 5210 нафар андозсупоранда, дар маҷмуъ, 124 семинар - машварат баргузор гардида, оид ба самтҳои гуногуни маъмурикунонии андоз, музди меҳнат ва шумораи коргарони кироя, бақияи қарзи андозҳо ва пардохти саривақтии андози иҷтимоӣ маълумоти зарурӣ пешниҳоди иштирокчиён шудааст.

- Дар давраҳои минбаъдаи соли ҷорӣ кормандони Раёсати андоз ва мақомоти ҳудудии андози вилояти Суғд барои таъмини сифатноки қисми даромади буҷети давлатӣ ва бартараф намудани камбудиҳои дар фаъолияти корӣ ҷойдошта боз ҳам самаранок фаъолият намуда, ҷиҳати таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ чораҳои судманд меандешанд, - таъкид кард сардори Раёсат.

Баъдан, муовини Раиси вилоят Анвар Яъқубӣ доир ба самтҳои гуногуни фаъолияти кормандони мақомоти андози вилоят, аз он ҷумла сифатнокии иҷрои нақшаи андозҳо, рӯёнидани бақияи қарзи андозҳо, ҳисобу пардохти андозҳо ва чанде дигар фикру андешаҳои худро баён дошт. Зимнан, барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта маслиҳатҳои муфид дода шуда, нақшаҳои корӣ тарҳрезӣ гардиданд. Аз натиҷаи баррасии масъалаҳои гузошташуда дар ҷаласаи корӣ қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# ТАТБИҚИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## дар самти андозбандии даромадҳо аз хизматрасонии нақлиётӣ дар ҳамлу нақли байналмилалӣ



**Шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ бо мақсади пешгирии андозбандии дукарата ва саркашӣ аз пардохти андозҳо аз даромад ва молу мулк (сармоя) дар асоси шартномаҳои эътирофнамудаи Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд.**

Вобаста ба ин мавзуъ, сардори шуъбаи Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андоз Аслиддин Холмирзоев тафсилоти бештар дод. Ӯ гуфт, ки муқаррароти шартномаҳои байналмилалии танзимкунандаи масъалаҳои канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирии саркашӣ аз пардохти андозҳо, ки яке аз тарафҳои онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, нисбат ба резидентони андози як ё ҳар ду давлат, ки чунин шартномаро ба имзо расондаанд, татбиқ карда мешавад.

-Тибқи муқаррароти моддаи 173 Кодекси андоз,- иброз намуд А. Холмирзоев,- даромадҳои шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент аз фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ дар ҳамлу нақли байналмилалӣ, ки яке аз тарафҳои он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бе пешниҳоди ариза дар асоси ҳуҷҷати тасдиқкунандаи резидентӣ аз андозбандӣ озод карда мешаванд, агар шартҳои зерин иҷро шаванд:

- нисбат ба шахси ҳуқуқӣ - ғайрирезидент муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ амалӣ гардад;

- шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои анҷом додани чунин фаъолият муассисаи доимӣ дошта бошад.

Бинобар ин, шахси ҳуқуқӣ - ғайрирезидент уҳдадор аст баҳисобгирии маблағи даромадҳо аз хизматрасонии нақлиётӣ дар ҳамлу нақли байналмилалӣ, ки мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ андозбандӣ намегарданд ва аз хизматрасонии нақлиётӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар алоҳидагӣ анҷом дода, дар эъломияи андоз аз даромади муассисаи доимӣ даромади умумиро дарҷ намояд.

Ба гуфтаи Аслиддин Холмирзоев, ҳангоми ҳисоб кардани андоз аз даромад аз маблағи умумии даромади дар қисми 2 моддаи 173 Кодекси андоз муайяншуда даромаде, ки мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ андозбандӣ намегардад, тарҳ карда мешавад.

Дар ҳолати риоя нагардидани муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ, ки боиси қисман ё пурра пардохт нагардидани андозҳо ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад, шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент (муассисаи доимӣ) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

-Моддаи 177 Кодекси андоз,-мегӯяд А. Холмирзоев,- талаботи умумиро ҳангоми пешниҳоди ариза барои татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ муқаррар менамояд, ки тибқи он ғайрирезидент уҳдадор аст якҷоя бо ариза оид ба татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар самти андозбандӣ ҳуҷҷатҳои зеринро ба мақомоти андоз пешниҳод намояд:

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи резидентии ба расмият даровардашуда ё апостил гузошташудаи ғайрирезидент, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад;

- нусхаҳои ҳуҷҷатҳои таъсисӣ;

- нусхаи шартномаҳо барои иҷрои кор (хизматрасонӣ) ё барои фаъолияти (амалҳои) дигар;

- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ва фаъолияти (амалҳои) дигар аз ҷониби ғайрирезидент (дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯзи корӣ баъди иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо пешниҳод карда мешаванд);

- маълумот дар бораи даромадҳо аз хизматрасониҳои нақлиётӣ дар ҳамлу нақли байналмилалӣ ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мӯҳлати на дертар аз 10 рӯзи корӣ баъди иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо пешниҳод карда мешаванд).

Агенти андоз ба мақомоти андоз ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии тасдиқкунандаи маблағи ҳисобшуда ва (ё) пардохтшудаи даромадҳо ва андозҳои нигоҳдошташударо пешниҳод менамояд.

Аслиддин Холмирзоев мегӯяд, ки дар асоси муқаррароти моддаи 252 Кодекси андоз хизматрасонии нақлиётӣ ё хизматрасонии дигар, ё иҷрои корҳои марбут ба ҳамлу нақли байналмилалии борҳо ва мусофирон, инчунин таҳвили сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва маҳсулоти дигари ҳангоми парвозҳои байналмилалӣ дар киштиҳои ҳавоии ватанӣ ва (ё) хориҷӣ барои анҷоми ҳамлу нақли байналмилалӣ истифодашаванда аз андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) озод мебошанд. Таҳти мафҳуми ҳамлу нақли байналмилалӣ кашонидани бор ва мусофирон фаҳмида мешавад, ки яке аз маҳалҳои ҳаракат ё таъинот берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошад.

Номбурда ҳамчунин қайд кард, ки барои мақсадҳои моддаи 252 Кодекси андоз иҷрои кор ва хизматрасонии зерин ҳамлу нақли байналмилалӣ дониста мешаванд:

- кор, хизматрасонии нақлиётӣ (боркашонӣ, ҳамлу нақл), борбардорӣ, борфарорӣ, азнавборкунӣ, ирсоли моле, ки аз (ба) ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешавад, инчунин моле, ки тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун транзит интиқол дода мешавад. Дар ин ҳолат озод намудан аз ААИ ҳангоми риояи шартҳои зерин амалӣ мегардад: мавҷудияти шартнома оид ба иҷрои кор, хизматрасонӣ, ки бевосита бо таҳвилкунандаи мол ба имзо расонида шудааст, мутобиқи талаботи ягонаи байналмилалии ҳамлу нақл ба расмият даровардани ҳамлу нақли бор ва мусофирон ва мавҷудияти эъломияи гумрукии бори молҳое, ки ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда, таҳти низоми гумрукии «Транзити гумрукии байналмилалӣ» ба расмият дароварда шудаанд;

- кор, хизматрасонии нақлиётӣ, техникӣ, аэронавигатсионӣ, фурудгоҳии хатсайрҳои байналмилалии ҳавоӣ, тиҷоратӣ, инчунин кору хизматрасонӣ вобаста ба интиқоли почта, мусофирон, бағоҷ аз (ба) ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои даромад аз хизматрасонии вобаста ба фурӯши билетҳои ҳавопаймо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хатсайрҳои ҳавоии байналмилалӣ мутобиқи шартномаҳои комиссионӣ ё шартномаҳои дигари шабеҳ. Дар ин ҳолат озод намудан аз ААИ дар сурати риоя нашудани шартҳои зерин амалӣ мегардад: мавҷуд будани шартнома оид ба иҷрои кор, хизматрасонӣ, ки бевосита бо қабулкунандаи (фармоишгари) кор, хизматрасонӣ ба имзо расонида шудааст ва агар барасмиятдарории ҳамлу нақли бор ва мусофирон мутобиқи ҳуҷҷатҳои ягонаи боркашонӣ ва мусофиркашонии байналмилалӣ анҷом дода шуда бошад.

Инчунин ҳамлу нақл ва хизматрасонии марбут ба боркашониҳои транзитии дар сархати сеюми қисми 1 моддаи 253 Кодекси андоз зикргардида аз ААИ озод карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки муқаррароти моддаи 252 Кодекси андоз танҳо нисбат ба давлатҳое, ки низоми озодкунӣ аз андоз аз арзиши иловашударо нисбат ба хизматрасонии нақлиётӣ ё хизматрасонии дигар ё иҷрои корҳои марбут ба боркашонӣ ва мусофиркашонии байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода менамоянд, татбиқ карда мешавад.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

# ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ ЯКЕ АЗ ДАВЛАТҲОИ ПЕШСАФ АСТ

Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар самти мубориза бо терроризму экстремизм давлати пешсаф эътироф гардида, дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳон ба муқобили ин зуҳуроти хатарнок мубориза мебарад. Чунин гуфта шуд зимни ҳамоише, ки дар Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» бо иштироки роҳбарият ва кормандони корхона ва намояндаи прокуратураи нақлиёти ҷумҳурӣ доир гардид.

Муовини аввали Директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» Даврон Шодмонбекзода оид ба равандҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла бархӯрди фарҳанги тамаддунҳо, тафриқаву низоъҳои диниву мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизми динӣ, «сиёсати дугона» нисбат ба гурӯҳҳои ифротгарои динӣ, таъсири онҳо ба ҷомеа ва давлати мо ибрози андеша намуд. Корманди масъули Прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон таъкид намуд, ки Тоҷикистон бо терроризму экстремизм мубориза мебарад. Қабул ва мавриди амал қарор гирифтани Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, стратегияҳои миллӣ оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳим аз иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд мебошанд.

Дар фарҷом гуфта шуд, ки ҳар фарди ватандӯсту ватанпарвар, алалхусус ҷавонон бояд зиракии сиёсиро аз даст надиҳанду барои ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ ва марзу буми Тоҷикистон саъю талош намоянд.

Ёдовар мешавем, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин 9 марти имсол бо дахли мубориза бо зуҳуроти нангин, аз ҷумла терроризм ва экстремизм чунин гуфтанд: «Омӯзиш ва таҳлили масъала нишон медиҳад, ки барои сарнавишти минбаъдаи миллати тоҷик омили ифротишавии ҷомеа ва пайвастани шаҳрвандон ба созмонҳои террористии дорои хусусияти динӣ дар шароити кунунӣ низ ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ боқӣ мемонад ва дар сурати пешгирӣ нагардидани ин раванд оқибати ногувор хоҳад дошт. Сохтору мақомоти дахлдори мамлакат дар асоси барномаҳо ва дигар санадҳои қабулнамудаи Созмони Милали Муттаҳид, инчунин меъёрҳои қонунгузорӣ бар зидди ин таҳдидҳо муборизаи муташаккилонаро мебаранд. Тоҷикистон имрӯз ба сифати давлати пешсаф дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба муқобили ин зуҳуроти хатарнок мубориза мебарад. Бо вуҷуди ин ҳолатҳои ифротишавии баъзе шаҳрвандони мо ва гароиши онҳо ба созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ дар баъзе шаҳру ноҳияҳо ба назар мерасанд, ки боиси нигаронӣ аст».

**АМИТ «Ховар»**

# ФАЪОЛИЯТИ СОХТМОНӢ БО КАДОМ ТАРТИБ АНДОЗБАНДӢ КАРДА МЕШАВАД?

**Мутобиқ ба муқаррароти моддаи 2 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлат буда, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминро бо асосҳо, шартҳо ва андозае, ки Кодекси замин ва қонунгузории маданӣ муайян намудааст, идора (бегона) карда мақсаднок истифода намоянд. Аз он ҷумла, дар мавриди гирифтани иҷозат оид ба сохтмони биноҳои истиқоматӣ, иморат ва иншооти алоҳида, ҷалб намудани паймонкорон барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ва минбаъд таҳвил додани объектҳои сохтмонии ба итмом расонидашуда дар қитъаҳои заминҳои ҷудогардида.**

**Муносибатҳои андозбандӣ дар мавриди сохтмони биною иншоот ва таҳвили минбаъдаи онҳо, аз он ҷумла унсурҳои андозбандӣ, имтиёзҳои андозӣ ва асосҳои истифодаи онҳо дар Кодекси андоз ба танзим дароварда шудааст. Вобаста ба ин матлаб, суҳбате доштем бо сармутахассиси Раёсати такмили қонунгузории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаландар Аъзамов, ки онро пешниҳоди хонанда месозем.**

**- Аввалан, уҳдадориҳои андозиро ҳангоми иҷрои корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ шарҳ медодед.**

- Маъмулан, қарорҳои мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҷудо намудани қитъаҳои замин барои сохтмони биноҳои истиқоматӣ, иморат ва иншооти алоҳида ба номи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо карда шуда, баъдан иҷрои корҳои сохтмонӣ аз ҷониби ин шахсон ва ё бо ҷалб намудани дигар паймонкорон ба анҷом расонида мешавад. Дар ин ҳолат дар ҳама марҳалаҳои иҷрои корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ уҳдадориҳои андозӣ нисбати ҳар як иштирокчӣ (фармоишгар, паймонкорон ва паймонкорони фаръӣ) ба миён меояд. Уҳдадориҳои андозии ҳар як иштирокчии ин амалиёт вобаста ба давраи ҳисоботӣ ва ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда дар алоҳидагӣ бояд муайян ва ҳисоб карда шавад.

Паймонкор уҳдадор аст сохтмон ва корҳои вобаста ба онро тибқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, ки ҳаҷми корҳо ва талаботи дигари ба кор алоқаманд ва харҷномаи арзиши корро муайян менамояд, анҷом диҳад. Харҷномаи корҳои сохтмонӣ бо риояи тартиби муқарраршуда бо дарназардошти даромаднокӣ (рентабельность) таҳия гардида, дар санадҳои иҷрои кор чунин даромаднокӣ бояд ба инобат гирифта шавад.

Бинобар ин, бо мақсади тибқи тартиби муқаррargardида, ба андозбандӣ ҷалб намудани иҷрои корҳои сохтмонии ба анҷом расонидашуда ва фурӯши амвол нисбат ба фармоишгар, паймонкори асосӣ ва дигар паймонкорон ботартиб амалӣ карда мешавад.

**- Агар аз ҷониби фармоишгар корҳои сохтмонӣ ва фурӯш ё ба иҷора супоридани молу мулки ғайриманқул анҷом дода шаванд, андозҳо чӣ гуна бояд ҳисоб ва пардохт карда шаванд?**

- Агар фармоишгар бо қувваи худ сохтмонро пеш барад (ба сифати паймонкорӣ баромад намояд), андозҳо ва пардохтҳоро аз ҳисоби иҷрои корҳои лоиҳакашию сохтмонӣ, фурӯш ва ё ба иҷора супоридани молу мулки сохташаванда вобаста ба низоми андозбандии фаъолият, бояд ҳисоб ва пардохт намояд.

Дар ин ҳолат фармоишгар уҳдадор мебошад, ки тибқи тартиби муқарраршуда ҳармоҳа санадҳои иҷрои корро тартиб дода, андозҳои дахлдорро вобаста ба низоми андозбандӣ (андози низоми содакардашуда, андоз аз арзиши иловашуда (минбаъд-ААИ), андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андози иҷтимоӣ ва андозҳо аз молу мулк) ҳисоб намояд.

Ҳамзамон маблағи ААИ аз ҳисоби чунин амалиётҳои андозбандишаванда марбут ба иҷрои корҳои сохтмонӣ (қабул намудани пешпардохт) ё тахвили молу мулки ғайриманқули сохташуда, мутобиқ ба муқаррароти қисми 1 моддаи 264 Кодекси андоз, бо меъёри 7 фоиз (бе ҳуқуқи баҳисобгирии ААИ) ҳисоб карда мешавад.

**- Дар ҳолати аз ҷониби фармоишгар ҷалб гардидани паймонкор чӣ?**

- Дар чунин ҳолат паймонкор вазифадор аст аз ҳисоби ҳаҷми корҳои анҷомдода вобаста ба низоми андозбандӣ андозҳои дахлдорро ҳисоб менамояд.

Паймонкори асосии сохтмон аз номи худ ба фармоишгар санади иҷрои корҳоро барои ҳар як давраи ҳисоботии андозӣ (моҳона) ва санади иҷрои корҳои умумии ба таври афзоянда иҷрошударо (моҳона) пешниҳод намояд. Дар ин сурат манбаи андозбандӣ барои паймонкори асосӣ арзиши умумии корҳои иҷрошуда дар давраи ҳисоботӣ ба ҳисоб меравад. Яъне амалиёти иштирокчиёни сохтмон зина ба зина амалиёти алоҳида ба ҳисоб рафта, вобаста ба низоми андозбандии фаъолият уҳдадории андозии худро доир ба ҳисоб намудани ААИ, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андози иҷтимоӣ ва ғайраҳо барои ҳар як давраи ҳисоботӣ дар алоҳидагӣ иҷро менамоянд.

Инчунин паймонкор харҷномаи корҳои сохтмониро бо дарназардошти даромаднокӣ (рентабельность) тартиб дода, дар санадҳои иҷрои кор чунин даромаднокӣ бояд ба инобат гирифта шавад.

Фармоишгар ҳамчун субъекти алоҳида уҳдадор аст, ки аз арзиши умумии фурӯш ё иҷораи молу мулки ғайриманқул маблағи андозҳоро вобаста ба низоми андозбандии фаъолият ҳисоб намояд. Фоидаи андозбандишавандаи Фармоишгар бо тарҳи хароҷот барои иҷрои корҳои сохтмонии иҷронамудаи паймонкор ва дигар тарҳҳои пешбининамудаи бобҳои 28 ва 29 Кодекси андоз муайян карда мешавад. Ҳангоми фаъолият дар низоми содакардашудаи андозбандӣ даромади умумии бадастовардаи субъектҳои хоҷагидори тибқи усули муайяншуда (аз даромади умумӣ ё аз фарқи байни даромад ва хароҷоти иҷозатдодашуда) андозбандӣ карда мешавад.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 264 Кодекси андоз паймонкор маблағи ААИ-ро аз ҳисоби иҷрои корҳои сохтмонӣ бо меъёри 7 фоиз (бе ҳуқуқи ба ҳисоб гирифтани маблағи ААИ) ва фармоишгар аз ҳисоби фурӯши амволи сохташуда бо меъёри 14 фоиз бо ҳуқуқи ба ҳисоб гирифтани маблағи ААИ, ҳисоб менамоянд.

Пардохт барои бартарафсозӣ, ки ба соҳибмулкони объекти ғайриманқуле, ки дар худуди он сохтмон иҷозат дода мешавад, дар ҳаҷми арзиши аслии ин объект ҳамчун хароҷоти фармоишгар эътироф карда мешавад.

Чунин пардохт танҳо дар ҳолати тартиб додани ҳуҷҷатҳои дахлдор, ки қонунгузорӣ муайян намудааст (шартномаҳои нотариалии ҷуброни зарари бартарафсозӣ бо пешниҳоди объекти ғайриманқул, пардохти ғайринақдӣ тариқи суратҳисоби бонкӣ, санадҳои интиқол ва ғайра) ҳамчун хароҷоти фармоишгар ба инобат гирифта мешавад.

Даромад аз амалиётҳои бегона намудани (фурӯш, мубодила ва ғайра) биноҳои сохтмонашон идомадошта бар ивази мол (кор, хизматрасонӣ) дар шакли бастани шартномаҳои гузашти ҳуқуқи талаб, иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон ва ғайра барои тарафҳои ин шартнома мутобиқи низоми дахлдор андозбандӣ мегардад.

**- Ҳангоми аз ҷониби фармоишгар бо масолеҳи сохтмонӣ таъмин намудани паймонкор арзиши корҳои сохтмонӣ аз рӯи кадом низоми андозбандӣ ҳисоб карда мешавад?**

- Дар чунин ҳолат паймонкор аз арзиши иҷрои корҳои сохтмонӣ вобаста ба низоми андозбандии муқарраргардида андозҳоро ҳисоб намуда, фармоишгар аз фурӯши объектҳои сохташуда андозбандӣ карда мешавад. Даромади андозбандишавандаи фармоишгар бо тарҳи хароҷот барои иҷрои корҳои сохтмонии иҷронамудаи паймонкор ва дигар тарҳҳои пешбининамудаи бобҳои 28 ва 29 Кодекси андоз муайян карда мешавад. Ҳангоми фаъолият дар низоми содакардашудаи андозбандӣ, даромади умумии бадастовардаи субъектҳои хоҷагидори тибқи усули муайяншуда (аз даромади умумӣ ё аз фарқи байни даромад ва хароҷоти иҷозатдодашуда) андозбандӣ карда мешавад.

Тибқи талаботи қисми 7 моддаи 246 Кодекси андоз, агар андозсупоранда (паймонкор) ҳангоми иҷрои кор аз ашё ва маводи фармоишгар истифода намояд ва маҳсулоти ниҳоӣ дар соҳибии фармоишгар боқӣ монад, барои андозсупоранда (паймонкор) иҷрои чунин кор амалиёти андозбандишаванда дониста мешавад.

Дар чунин маврид мутобиқ ба талаботи қисми 1 моддаи 264 Кодекси андоз, паймонкор маблағи ААИ-ро аз ҳисоби арзиши иҷрои корҳои сохтмонӣ (бе дарназардошти арзиши моли фармоишгар) бо меъёри 7 фоиз бе ҳуқуқи ба ҳисоб гирифтани маблағи ААИ ва фармоишгар аз ҳисоби фурӯши молу мулки сохташуда бо меъёри 14 фоиз бо ҳуқуқи ба ҳисоб гирифтани маблағи ААИ, ҳисоб менамоянд.

**- Дар ҳолати ба номи шахси воқеӣ ҷудо шудани қитъаи замин барои сохтмон ё додани иҷозати сохтмон (ба истисноi сохтмони манзили истиқоматии шахсӣ барои эҳтиёҷоти худӣ) оё ҳатмӣ аст, ки чунин шахс ҳамчун субъекти соҳибкорӣ аз қайди мақомоти андоз гузарад?**

- Бояд гуфт, ки чунин шахсони воқеӣ бояд ҳамчун субъекти соҳибкорӣ аз қайди мақомоти андоз гузаранд. Дар ин ҳолат шахсони воқеӣ, ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ё бо ташкили шахси ҳуқуқӣ аз қайди давлатӣ гузашта ба сифати фармоишгар эътироф карда мешавад. Ҳамзамон баъд аз анҷом ёфтани сохтмони бино соҳибмулк соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқии ташкилшуда ба ҳисоб меравад ва комиссияи давлатии қабули иншооти сохтмонаш анҷомёфта бинои мазкурро аз худи ҳамин шахс қабул менамояд.

Дар ҳолати риоя нагардидани муқаррароти кодексҳои андоз ва мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибавӣ ва ҳисоботи молиявӣ” дар хусуси масъалаҳои марбут ба сохтмон, ҳуҷҷатгузорӣ ва ҳуқуқҳои истифодабарии молу мулк, новобаста аз сарчашмаи маблағгузории сохтмон, паймонкор уҳдадор аст, ки аз ҳаҷми иҷрои кор андозҳои дахлдорро ҳисоб намояд. Бинобар ин, новобаста аз шакл ва мазмуни шартномаҳои мутобиқ ба қонунгузории маданӣ ба имзорасонидашуда, паймонкор уҳдадор мегардад, ки аз ҳисоби иҷрои корҳои сохтмонӣ мутобиқи моддаи 38 Кодекси андоз, вобаста ба низоми андозбандӣ, ки дар он фаъолият менамояд, андозҳои дахлдорро ҳисоб намояд.

Ҳамзамон, фармоишгар низ уҳдадор мебошад аз даромади умумии аз ҳисоби фурӯши молу мулки сохташуда бадастоварда вобаста ба низоми андозбандие, ки фаъолияти худро ба роҳ мондааст, андозҳои дахлдорро ҳисоб намояд.

**- Тартиби андозбандии объектҳои сохтмонӣ вобаста ба хусусиятҳои муайян кардани даромад ва тарҳ барои шартномаҳои дарозмуҳлат чӣ гуна аст?**

- Тибқи талаботи моддаи 95 Кодекси андоз, андозсупоранда уҳдадор аст ба даромади умумии ҳар давраи андозии шартномаи дарозмуҳлат, яъне шартномаи сохтмонӣ ё муҳандисие, ки иҷрои он зиёда аз 12 моҳро дар бар мегирад, фоизи даромади умумии эҳтимолии андозбандишавандаро тибқи шартнома мутаносибан ба ҳиссаи корҳои анҷомдодашуда, мутобиқи стандартҳои ҳисоботи молиявӣ муайян кунад.

Агар муҳлати иҷрои корҳои сохтмонӣ зиёда аз 12 моҳро дар бар гирад, барои давраи ҳисоботӣ маблағи даромади эҳтимолии андозбандишавандаи андозсупоранда мутобиқи моддаи 95 Кодекси андоз, аз рӯи хароҷоти харҷномавии сохтмонии тарҳшавандаи сарфнамудаи андозсупоранда дар ҳамин давраи ҳисоботӣ ва фоизи даромаднокӣ муайян карда мешавад. Пас аз ба анҷом расонидани корҳои сохтмонӣ, андозсупоранда эъломияи ҷамъбастии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқиро ба мақомоти андоз пешниҳод менамояд, ки он барои тамоми давраи фаъолияти сохтмони объект дар асоси шартномаи дарозмуҳлат ба инобат гирифта мешавад.

**- Вобаста ба тартиби барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хариди молу маҳсулоти дар сохтмон истифодашаванда чӣ гуфта метавонед?**

- Дар ҳоле, ки фармоишгар ва паймонкор молу маҳсулотро аз қабили бетон,

арматура, қуму шағал ва ғайра мехарад, чунин фармоишгар ва ё паймонкор ухдадор мебошад, аз фурӯшандаи маҳсулот (вобаста ба низоми андозбандии фаъолият) ҳисобнома-фактураҳои шакли муқаррарӣ ва ё содаро қабул намоянд.

Таҳлилҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар аксари ҳолатҳо ҳангоми хариди молу маҳсулот барои сохтмон, чунин амалиёт дар ҳисоботи муҳосибӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор ба расмият даровarda намешавад.

Бинобар ин, фармоишгарон ва паймонкороне, ки чунин хариди молу маҳсулотро анҷом медиҳанд, ухдадоранд амалиётҳои анҷмдодаи худро мутобиқ ба талаботи моддаи 89 Кодекси андоз ва моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» (аз 25 марти соли 2011, №702) дуруст ба расмият дароранд. Яъне фармоишгарон ва паймонкорон ухдадоранд вобаста ба низоми андозбандии фаъолият аз (ба) фурӯшандагони (қабулкунандагони) мол, кор, хизматрасонӣ ҳисобнома-фактураҳои шакли муқаррарӣ ва ё сода қабул (пешниҳод) намоянд. Зимнан, ҳангоми риоя нагардидани муқаррароти болозикр, чунин хароҷоти анҷомдода вобаста ба низоми андозбандии фаъолият барои мақсадҳои андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ва ё андози низоми содакардашуда бо усули даромад тарҳи хароҷот, дар қисмати тарҳҳо ба инобат гирифта намешавад.

Дар маҷмуъ, мутобиқ ба талаботи моддаи 78 Кодекси андоз бо мақсади таъмини назорати андоз ҳамаи андозсупорандагон, аз он ҷумла шахсони воқеӣ бояд дар мақомоти андоз ба баҳисобгирӣ (ба қайди андозӣ) гузошта шаванд ва ухдадориҳои андозии бамиёномадаро иҷро намоянд.

Дар ҳолати аз ҷониби шахсони воқеӣ ба даст овардани иҷозат барои сохтмони биноҳои бисёрошёна, таъсис додани шахси ҳуқуқӣ хатмӣ мебошад ва ухдадории ҳисоби андозҳо вобаста ба фурӯш ё иҷораи молу мулки ғайриманқули сохташуда ба чунин шахси ҳуқуқӣ гузошта мешавад.

Танзими муносибатҳо байни иштирокчиёни аҳдҳои маданӣ, асосҳои ба миён омадан ва тартиби татбиқи ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашёӣ, ухдадориҳои шартномавӣ ва ухдадориҳои дигар, инчунин муносибатҳои дигари молу мулкиро қонунгузории маданӣ танзим менамояд. Бинобар ин, ҳуқуқу ухдадориҳои тарафҳо бояд дар шартномаҳои ба имзо расонидашаванда дуруст муқаррар карда шаванд. Зеро мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз (афзалияти мазмун нисбат ба шакл) ҳангоми муайян намудани ухдадориҳои андозӣ, талаботи шартномаҳо ва ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибавӣ бо дарназардошти муқаррароти моддаи 38 Кодекси андоз ба инобат гирифта мешаванд.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини назорати риоя ва иҷрои муқаррароти қонунгузории андоз, пешбурди дурусти баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи оморӣ ва дуруст нишон додани манбаъҳои андозбандишаванда, инчунин дар рафти иҷрои корҳои лоиҳакашӣ, сохтмонӣ ва таҳвили минбаъдаи объектҳои сохтмонӣ, пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳо дар ин самти фаъолият, корҳои фаҳмондадиҳӣ, аз қабили семинар – машварату вохӯриҳо доир намуда, ҳамзамон мактуби дастурӣ барои истифодаи хизматӣ ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол намудааст.

**Мусоҳиб**
**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ СЕМОҲА

**Дар Раёсати андоз дар вилояти Хатлон ҷаласаи таҳлилию натиҷагирии соҳаи андоз баргузор гардид, ки дар он муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусалом Раҳимзода, сардори раёсати андоз Ҷурабеки Ҷумъа, сардорони шуъбаву бахшҳо, сардорони нозиротҳои андоз дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон ва дигар масъулон ширкат доштанд.**

Дар қисмати аввали ҷаласа вобаста ба фаъолияти мақомоти андоз дар вилояти Хатлон дар давоми семоҳаи якуми соли 2024 сардори раёсати андоз Ҷурабеки Ҷумъа маълумот дода, тамоми самтҳои соҳаи андоз, дастовард ва мушкилоти ҷойдоштаро ба риштаи таҳлил кашид.

Гуфта шуд, ки дар семоҳаи аввали соли 2024 иҷрои нақшаи умумии контингенти андозҳо бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 102,5 фоиз таъмин гардид. Яъне дар ин давра ба ҷойи 634,0 миллион сомонии нақшавӣ ба буҷет маблағи 649,9 миллион сомонӣ андозу пардохтҳои давлатӣ ворид карда шуд. Ин боис гардид, ки нисбат ба нақша 15,9 миллион сомонӣ маблағи барзиёд таъмин карда шавад.

- Дар семоҳаи якуми соли равон иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, - зикр шуд дар ҷаласа, - дар вилояти Хатлон бо дарназардошти ухдадорие, ки тибқи фармоиши Кумитаи андоз муқаррар карда шудааст, (бо дарназардошти НААК), ба андозаи 93,1 фоиз таъмин гардид. - Иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар вилоят бо дарназардошти ухдадорӣ, ба истиснои ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Носири Хусрав, Фархор, Данғара, Ховалинг, Балҷувон ва Норак дар дигар шаҳру ноҳияҳо таъмин карда нашуд.

Ба иттилои масъулон ба ҳолати якуми апрели соли 2024 ҳаҷми умумии изофапулии андозҳо тибқи маълумоти барномаи компютерии СМИИА 141,7 миллион сомониро (бо дарназардошти НААК) ташкил менамояд. Ҷиҳати ҳисоббаробар намудани изофапулиҳои андозсупорандагон ба мақомоти ҳудудии андоз дастуру супоришҳои мушаххас дода шудаанд. Тибқи дастур мақомоти ҳудудии андоз мувофиқи талаботи моддаҳои дахлдори Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра ҷиҳати ҳисоббаробар намудани изофапулиҳо чораандешӣ намуда истодаанд. Ба ҳолати якуми апрели соли ҷорӣ нишондиҳандаи изофапулии андозҳо аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба якуми январи соли 2024, дар маҷмуъ, дар сатҳи вилоят ба маблағи 16,6 миллион сомонӣ коҳиш ёфтааст. Ҷиҳати бартараф кардан ва роҳ надодан ба ташаккулёбии изофапулиҳои нави андозҳо афзоиши маблағи умумии изофапулиҳо дар давраи мазкур дар фаъолияти шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Восеъ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Фархор, Данғара, Шамсиддин Шоҳин, Темурмалик, Балҷувон, Бохтар, Вахш, Хуросон, Дӯстӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷайҳун, Панҷ, Ёвон ва Норак ба мушоҳида мерасад.

Бояд ёдовар шуд, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бори “Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда” дар таҳрири нав қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст. Бо дарназардошти дар Қоидаҳои мазкур пешбинӣ гардидани шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва як қатор тағйироти дигар, зарурати мутобиқ намудани гурӯҳҳои фаъолият ва гузариши соҳибкорон аз як низом ба низоми дигари андозбандӣ ба миён омадааст. Бо дарназардошти хусусияти таҳрирӣ доштан ва ҳамзамон бо мақсади халалдор насохтани фаъолияти соҳибкорон зиёда аз 4729 нафар соҳибкори қаблан тибқи патент амалкунанда ба тартиби нави патент ва фаъолияти 14336 нафар шумораи умумии соҳибкорони амалкунанда бинобар ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус мутобиқат намудан тавассути барномаҳои компютерӣ ба таври автоматӣ ба талаботи қоидаҳои мазкур мутобиқ гардонида шудаанд. Аз шумораи 4729 нафар соҳибкорони инфиродии тибқи патент амалкунандае, ки гузариши онҳо ба таври автоматӣ таъмин карда шудааст, ба ҳолати якуми апрели соли 2024 аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз, дар маҷмуъ, ба суроғаи 4610 адад андозсупоранда огоҳинома ирсол гардидааст. Баъди ирсоли огоҳиномаҳо (бо дарназардошти соҳибкороне, ки фаъолияти худро қатъ намудаанд) 4419 нафар (бо дарназардошти қатъшудагон) бо варақаи нави патент таъмин карда шудаанд.

Дар ҷаласаи ҷамъбастӣ таъкид гардид, ки дар миқёси вилояти Хатлон аз шумораи 14336 нафар соҳибкороне, ки гузариши онҳо ба таври автоматӣ анҷом дода шудааст, ба суроғаи 14252 нафар ё 98,5 фоизи чунин соҳибкорон огоҳинома ирсол шудааст. Аз шумораи огоҳиномаҳои ирсолшуда бо дарназардошти соҳибкороне, ки баъди гузариш фаъолияти худро қатъ намудаанд, дар маҷмуъ, 14122 нафар ё 98,5 фоиз бо варақаҳои нави шаҳодатнома бо шартҳои махсус таъмин карда шудаанд.

Таҳлили фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт нишон дод, ки аз шумораи 4356 нафар соҳибкороне, ки зарурати ба мақомоти андоз ташриф овардани онҳо ба миён омада буд, ба ҳолати якуми апрели соли 2024 аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ба суроғаи 3865 нафар огоҳинома ирсол шудааст. Дар ин давра 3510 нафар чунин соҳибкорон гурӯҳи фаъолияти худро ба номгӯйи нави патент, 964 нафар ба номгӯйи шаҳодатнома бо шартҳои махсус мутобиқ намудаанд. Ҳамзамон 2149 нафар баъд аз қатъ намудани фаъолият 397 нафари онҳо ба шаҳодатнома дар низоми содакардашуда гузаштаанд.

- Раванди гузариш ва ё мутобиқ намудани гурӯҳҳои фаъолият аз рӯйи фаъолиятҳои дар боло қайдшуда, ки ташриф овардани онҳо ба мақомоти андоз зарур мебошад, то ҳол дар шаҳри Кӯлоб 117 нафар, Восеъ 57 нафар, Бохтар 215 нафар, Кӯшониён 35 нафар ва Панҷ 22 нафарро ташкил медиҳад, - иттилоъ дод манбаъ. - Масъалаи дигари мавриди таваҷҷуҳ гузариши соҳибкорони тибқи шаҳодатнома дар низоми содакардашуда фаъолиятдошта ба шахси ҳуқуқӣ мебошад. Тибқи маълумот, аз шумораи умумии 738 нафар соҳибкори дар тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда бояд аз рӯйи намуди фаъолият минбаъд дар шакли шахси ҳуқуқӣ фаъолият намоянд. Ба ҳолати якуми апрели соли 2024, гузариши 407 адади соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ таъмин гардидааст. Бояд қайд намуд, ки дар асоси тартиби нав ҳама гуна фаъолияти истеҳсолӣ (ба истисноии хариду фурӯши чунин молу маҳсулот) тибқи шаҳодатнома дар низомҳои андозбандӣ маҳдуд гардида, минбаъд фаъолияти чунин соҳибкорон новобаста аз ҳадди даромад аз санаи бақайдгирии давлатӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар қисмати дигари ҷаласаи таҳлилию натиҷагирии Раёсати андоз дар вилояти Хатлон муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусалом Раҳимзода барои беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, иҷрои саривақтии нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ, аз байн бурдани бақияи қарзи андозҳо ва риояи ҳаматарафаи қонунгузорӣ дар соҳаи андози кишвар масъулонро вазифадор кард.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# ГИРИФТАНИ РМА ДАР РЕҶАИ ОНЛАЙН

**- Чанде пеш дар Раёсати андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо иштироки кормандони соҳа ва гурӯҳи андозсупорандагон семинар – машварат баргузор шуд, - хабар доданд аз Раёсати андози вилоят.**

Семинар машваратро сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Илҳом Мародасейнов оғоз кард. Сипас, мутахассисони раёсати андози вилоят бо маърӯза баромад намуда, ба иштирокчиён дар бораи моҳияти андоз мухтасар маълумот доданд.

Дар аввал, дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда сухан ронда қайд намуданд, ки ба ҳар андозсупоранда - шахси воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ, филиал ва (ё) намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ҳангоми баҳисобгирӣ дар мақомоти андоз ба сифати андозсупоранда рақами мушаххаси андозсупоранда дода мешавад. Вобаста ба ин, ҳангоми бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва (ё) намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, дар баробари додани рақами ягонаи мушаххаси бақайдгирии давлатӣ, рақами мушаххаси андозсупоранда ва шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда дода мешавад. Расмиёти баҳисобгирӣ, пешниҳоди рақами ягонаи мушаххас, рақами мушаххаси андозсупоранда ва шаҳодатнома ройгон анҷом дода мешавад, Рақами мушаххаси андозсупоранда аз 9 рақам иборат буда, ду рақами аввал рамзи шаҳр ё ноҳия, рақами сеюм шахси воқеӣ ё ҳуқуқиро муайян менамояд, панҷ рақами дигар рақами тартибӣ ва рақами охирон алгоритм мебошад.

- Дар асоси муқаррароти моддаи 79 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, вақте ки андозсупоранда баҳисобгириро мегузараду соҳиби рақами мушаххас мешавад, вазифадор мегардад, ки РМА-и худро дар ҳисоботи андозӣ, мукотибот бо мақомоти андоз, гумрук ё молия, муносибатҳои мутақобила бо дигар мақоми ваколатдор, эъломияҳои гумрукӣ, ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, харҷномаҳо, чекҳои дастгоҳи назоратӣ-хазинавӣ, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои корӣ ба монанди Қарордодҳо, Иҷозатномаҳо, Шартномаҳо зикр намояд, - таъкид карда шуд дар семинар – машварат.

Баъдан, мудири бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ВМКБ Ҳалима Ғоибназарова суханронӣ карда, аз он ҷумла гуфт, ки бо мақсади таъмини назорати андоз тибқи муқаррароти моддаи 79 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июли соли 2022, №360 "Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан" ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва дар шакли электронӣ дар реҷаи мустақим (онлайн) таъмин намудани шахсони воқеӣ бо рақами мушаххаси андозсупоранда, мутобиқ ба муқаррароти банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи шаҳрвандон, андозсупорандагон бояд бо рақами мушаххаси андозсупоранда дар шакли электронӣ дар реҷаи вақти мустақим (онлайн) худро ба қайд гиранд.

- Ҳар як шахс, - гуфт Ҳ. Ғоибназарова, - новобаста аз он ки





фаъолияти соҳибкорӣ дорад ё не, бояд ҳатман Рақами мушаххаси андозсупорандаро дошта бошад. Тартиб чунин аст: Тавассути сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ба бахши "Шахсони воқеӣ" ворид шуда, аз саҳифа зербахши "Баҳисобгирии РМА"-ро интихоб ва маълумотҳои зеринро ворид менамояд:

1) дар қисмати аввал насаб, ном ва номи падари шахси РМАгиранда пур карда мешавад;

2) дар қисмати номи падар, насаб, ном ва номи падари шахси РМАгиранда пур карда мешавад;

3) дар қисмати номи модар, насаб, ном ва номи модари шахси РМАгиранда пур карда мешавад;

4) дар қисмати Нозироти андоз ҳатман бояд Нозироти андози маҳалли бақайдгирии суроғаи истиқомати (прописка) шахси РМАгиранда интихоб карда шавад;

5) дар қисмати ҷинс ҷинси (мард ва ё зан) шахси РМАгиранда интихоб карда мешавад;

6) дар қисмати санаи таваллуд санаи таваллуди шахси РМАгиранда ворид карда мешавад;

7) дар қисмати шаҳрвандӣ, шаҳрвандии (гражданство) шахси РМАгиранда интихоб карда мешавад;

8) дар қисмати намуди ҳуҷҷат ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти (шаҳодатномаи таваллуд ё шиноснома) шахси РМАгиранда интихоб мегардад ва баъд аз интихоб кардани ҳуҷҷат силсилаи ҳуҷҷат, рақами ҳуҷҷат, санаи ҳуҷҷат ва маълумот нисбати мақомоте, ки ҳуҷҷати тасдиққунандаро додааст, интихоб карда мешавад.

9) дар қисмати акси шахсӣ бо ҳуҷҷати тасдиққунанда, шахси РМАгиранда симои худро бо дар даст доштани ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият (шаҳодатномаи таваллуд ё шиноснома) аксбардорӣ намуда, (селфи) ба қисмати обзор ворид менамояд, дар қисматҳои нусхабардорӣ боркунии ҳуҷҷат ва нусхабардорӣ ва боркунии ҳуҷҷати иловагӣ нусхаи (копия) ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти шахси РМАгиранда ворид карда мешавад.

10) дар қисмати суроғаи ҷойи зист маълумот оид ба суроғаи истиқомати шахси РМАгиранда, рақами хона, рақами ҳуҷра аз рӯйи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, рақами телефони мобилӣ ва почтаи электронӣ пур карда мешавад.

11) дар қисмати маълумот оид ба падар ё модар, маълумоти падар ё модари шахси РМАгиранда оид ба РМА рақами телефон ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти падар ва ё модар пур карда мешавад.

2. Пас аз пур намудани сархатҳо аз ирсол гардидани дархости электронӣ, барномаи компютерӣ бе дахолати корманди мақомоти андоз ба таври автоматӣ мавриди коркард қарор гирифта, дар телефони мобилии шаҳрванд СМС - Паёмак бо дарҷ гардидани рақами мушаххаси андозсупоранда РМА ирсол карда мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки барои гузаштани баҳисобгирӣ аз ҷониби мақомоти андоз пардохт муқаррар нашудааст. Аз ин рӯ шаҳрвандон метавонанд бемонеа ва бе пардохти маблағ РМА гиранд.

Дар ҳолате, ки шаҳрванд ё андозсупоранда ном ё насаби худро тағйир диҳад, ба ӯ зарур аст, ки ҳатман ба мақомоти андози маҳалли қайди худ муроҷиат намуда, онро иваз кунад. Дар сурати анҷом надодани тағйири он ба мушкилӣ дучор мегардад.

Дар ҳолати гум шудани варақаи рақами мушаххаси андозсупоранда бо пешниҳоди нусхаи шиноснома ё шаҳодатномаи таваллуд ва аризаи шакли тасдиқгардида ба бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии маҳалли қайди худ муроҷиат намояд.

Дар анҷоми семинар-машварат миёни кормандони раёсати андози вилоят ва иштирокдорон мубодилаи афкор сурат гирифт.

**Ҷовиди СУФӢ**

# ВОЗ одобрила новый налог в Эстонии

**В поддержку инициативы по введению налога на подслащенные напитки в Эстонии выступила ВОЗ, предложив включить в этот налог подслащенные молочные напитки и соки.**

Всемирная организация здравоохранения (ВОЗ) выступила в поддержку предложения об обложении налогом подслащенных напитков в Эстонии и предложила также включить в налогообложение подслащенные молочные напитки и натуральные соки.

В своем заявлении ВОЗ отметила, что налогообложение подслащенных напитков считается одним из наиболее эффективных способов борьбы с избыточным весом, ожирением и связанными с ними хроническими неинфекционными заболеваниями. Организация рекомендует облагать налогом подслащенные напитки, поскольку они содержат незначительное количество питательных веществ и не являются жизненно важными продуктами, особенно для детей.

ВОЗ также выразила мнение о необходимости рассмотрения возможности включения в налогообложение всех напитков, содержащих свободные сахара, включая подслащенные молочные напитки и 100% натуральные соки. Организация подчеркнула, что свободные сахара, содержащиеся в этих напитках, могут привести к кариесу зубов, увеличению веса, риску развития диабета, сердечно-сосудистых заболеваний и некоторых видов рака.

В своих рекомендациях ВОЗ также указала на необходимость использования полученных налоговых поступлений для финансирования программ здравоохранения и укрепления здоровья населения. Организация предложила привязать налог на сахар к инфляции и росту доходов для обеспечения его долгосрочного эффекта. Кроме того, ВОЗ предложила установить налоговые ставки таким образом, чтобы цена продукции, облагаемой налогом, увеличивалась для потребителя не менее чем на 20 процентов, чтобы добиться изменения потребительского поведения и сокращения потребления облагаемых продуктов.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# ТАРТИБИ ЗИЁД КАРДАНИ САРМОЯИ ОИННОМАВӢ ДАР ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУД

**Сармояи оинномавӣ андозаи ҳадди ақалли амволи ҷамъиятро муайян мекунад, ки манфиати кредиторони онро кафолат медиҳанд. Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шакли ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.**



Сармояи оинномавӣ маҷмуи воситаҳои (саҳм) муассисон ба моликияти шахси ҳуқуқӣ (шахсоне ҳуқуқие, ки дорои сармояи оинномавӣ мебошанд) дар вақти ташкил кардани шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, барои таъмини фаъолияти он дар ҳаҷми муайян тибқи қонун бо ҳуҷҷатҳои оинномавӣ муқаррар карда мешавад. Он сармояи аввалиндараҷа ва ибтидоии корхона мебошад. Дараҷаи он бо дарназардошти тахминии фаъолияти хоҷагидорӣ (истеҳсолӣ) муайян карда шуда, дар вақти аз қайди давлатӣ гузаштани корхона қайд карда мешавад. Сармояи оинномавии корхона аз арзиши саҳмҳои иштирокчиёни он иборат аст.

Қайд намудан бамаврид аст, ки тибқи талаботи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд (минбаъд ҷамъият) ҷамъияти хоҷагиест, ки аз ҷониби як ё якчанд шахсе таъсис дода шуда, сармояи оинномавии он бо ҳиссаи ҳаҷми муайянкардаи ҳуҷҷати таъсисот тақсим шудааст. Иштирокчиёни ҷамъият аз рӯи уҳдадориҳои он масъулият надоранд ва зиёни таваккали марбут бо фаъолияти ҷамъиятро дар доираи арзиши саҳми гузоштаашон ба уҳда доранд. Ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ҳуқуқ доранд вобаста ба рушди фаъолияти ҷамъият сармояи оинномавии худро зиёд кунанд. Ба афзоиши ҳаҷми сармояи оинномавии ҷамъият баъд аз саҳмгузории пурраи тамоми иштирокчиёни он ва пардохти пурраи сармояи оинномавӣ роҳ дода мешавад.

Афзоиши сармояи оинномавии ҷамъият метавонад аз ҳисоби амволи ҷамъият; саҳми иловагии иштирокчиёни ҷамъият; саҳмҳои шахсони сеюме, ки ба ҷамъият қабул мешаванд, ба роҳ монда шавад.

Афзоиши сармояи оинномавии ҷамъият аз ҳисоби амволи он бо қарори маҷлиси умумии он ки бо овоздиҳии на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи овозҳои умумии иштирокчиёни ҷамъият қабул карда мешавад, агар зарурати шумораи зиёди овозҳо барои қабули чунин қарор дар оинномаи ҷамъият пешбинӣ нашуда бошад, амалӣ карда мешавад. Дар сурати афзудани сармояи оинномавии ҷамъият аз ҳисоби амволи он, маблағе, ки ба андозаи он сармояи оинномавии ҷамъият меафзояд, на бояд аз фарқи байни арзиши активҳои софи ҷамъият ва маблағи сармояи оинномавӣ ва фонди захиравии ҷамъият зиёд бошад. Дар сурати афзудани сармояи оинномавии ҷамъият арзиши номиналии ҳиссаи иштирокчиёни ҷамъият бидуни тағйири ҳаҷми ҳиссаи онҳо мутаносибан меафзояд.

Мутобиқи талаботи моддаи 17 Қонуни мазкур, агар арзиши номиналии (афзоиши арзиши номиналии) ҳиссаи иштирокчиёни ҷамъият дар сармояи оинномавии ҷамъият бо саҳми ғайрипулӣ пардохта шавад, чунин саҳм бояд аз ҷониби эксперти мустақил муайян карда шавад. Арзиши номиналии (афзоиши арзиши номиналии) ҳиссаи иштирокчии ҷамъият, ки бо саҳми ғайрипулӣ пардохт мешавад, на бояд аз баҳои маблағи саҳми пешбинишуда, ки эксперти мустақил муайян кардааст, зиёд бошад.

Яъне барои афзоиш додани сармояи оинномавӣ аз ҳисоби амволи ҷамъият бояд якчанд талабот риоя карда шавад. Пеш аз ҳама, зиёдшавии сармоя дар асоси қарор, агар ҷамъият аз як иштирокчӣ иборат бошад. Агар шумораи иштирокчиён аз як нафар зиёд бошад, бояд протоколи маҷлиси умумии муассисон қабул карда шавад ва бояд ҳамаи иштирокчиёни ҷамъият дар протокол ширкат варзида, дар ин хусус оид ба ҷонибдор ва зид будан овоз дода, бо имзои худ тасдиқ намоянд. Инчунин қарор дар хусуси зиёд намудани сармоя бо овоздиҳии на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи овозҳои умумии иштирокчиёни ҷамъият қабул карда мешавад.

Талаботи дигаре, ки қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, андозаи маблағе, ки сармоя зиёд карда мешавад, аз андозаи арзиши активҳои (дороиҳои) ҷамъият ва фонди захиравии он зиёд буда наметавонад ва дар натиҷаи зиёдшавии сармоя бояд ҳиссаи иштирокчиён тағйир наёбад. Яъне ҳиссаҳо дар сурати аз ҳисоби амволи ҷамъият зиёд шудан мутаносибан меафзояд. Ҳамчунин амволе, ки барои зиёд кардани сармоя равона карда шудааст, бояд аз ҷониби эксперти мустақил бо мақсади муайян намудани арзиши воқеии амвол баҳо дода шавад.

Афзоиши сармояи оинномавии ҷамъият аз ҳисоби саҳми иловагии иштирокчиёни ҷамъият мутобиқи талаботи моддаи 21 Қонуни мазкур ба роҳ монда мешавад. Тибқи талаботи меъёри мазкур, афзоиши сармояи оинномавии ҷамъият аз ҳисоби саҳми иловагии муассисон бо қабул намудани қарор (протокол), ки онро бо овоздиҳии на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии иштирокчиёни ҷамъият амалӣ карда мешавад. Ҳангоми афзоиши сармояи оинномавии ҷамъият аз ҳисоби саҳми иловагии гузоштаи иштирокчиёни ҷамъият бояд арзиши умумии саҳми иловагӣ муайян карда шуда, инчунин таносуби барои ҳамаи иштирокчиёни ҷамъият ягонаи байни арзиши саҳми иловагии иштирокчии ҷамъият ва маблағе, ки ба андозаи он арзиши номиналии ҳиссаи ӯ меафзояд, муқаррар карда шавад. Ин таносуб дар асоси он ки арзиши номиналии ҳиссаи иштирокчии ҷамъият ба маблағи баробар ё камтари арзиши саҳми иловагии ӯ афзуданаш мумкин аст, муқаррар карда мешавад. Муассисе, ки дар ҷамъият саҳми иловагӣ мегузорад, ҳақ надорад дар натиҷаи саҳмгузорӣ ҳиссаи дигар иштрокчиёнро тағйир диҳад ва ё аз дигар иштирокчиён зиёд намояд.

Муассисон ё мақомоти ваколатдори ҷамъият баъд аз қабули қарор аз ҷониби маҷлиси умумии иштирокчиёни ҷамъият дар бораи тасдиқи натиҷаҳои аз тарафи иштирокчиёни ҷамъият ба сармояи оинномавии ҷамъият пардохт намудани саҳмҳои иловагӣ оид ба афзоиши сармояи оинномавии ҷамъият бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ариза пешниҳод менамоянд.

Афзоиши сармояи оинномавии ҷамъият аз ҳисоби саҳмҳои шахсони сеюме, ки ба ҷамъият қабул мешаванд, дар маҷлиси умумии иштирокчиёни ҷамъият дар асоси аризаи иштирокчии ҷамъият (аризаи иштирокчиёни ҷамъият) дар бораи гузоштани саҳми иловагӣ ва (ё) аризаи шахси сеюм (аризаи шахсони сеюм) дар бораи ба ҷамъият қабул намудани ӯ ва гузоштани саҳм бо қабул намудани қарор амалӣ карда мешавад. Дар аризаи иштирокчии ҷамъият ва аризаи шахси сеюм бояд ҳаҷм ва таркиби саҳм, тартиб ва мӯҳлати гузоштани он, инчунин ҳаҷми ҳиссае, ки онро иштирокчии ҷамъият дошта бошад, нишон дода шаванд. Дар ариза мумкин аст шартҳои дигари гузоштани саҳм ва дохилшавӣ ба ҷамъият низ нишон дода шавад.

Дар баробари қарор дар бораи зиёд кардани сармояи оинномавии ҷамъият дар асоси аризаи иштирокчии ҷамъият (аризаи иштирокчиёни ҷамъият) дар бораи гузоштани саҳми иловагӣ, бояд дар як вақт қарор дар бораи ба ҳуҷҷатҳои таъсисотии ҷамъият ворид кардани тағйирот вобаста ба афзоиши ҳаҷми сармояи оинномавии ҷамъият ва афзоиши арзиши номиналии ҳиссаи иштирокчии ҷамъият (иштирокчиёни ҷамъият), ки дар бораи гузоштани саҳми иловагӣ ариза додааст, дар ҳолати зарурӣ инчунин тағйироти вобаста ба тағйир ёфтани ҳаҷми ҳиссаи иштирокчиёни ҷамъият қабул карда шавад. Дар айни ҳол, арзиши номиналии ҳиссаи ҳар кадом иштирокчии ҷамъият, ки дар бораи гузоштани саҳми иловагӣ ариза додааст, ба маблағи баробар ё ками арзиши саҳми иловагии ӯ зиёд мешавад. Дар мавриди зиёд кардани сармояи оинномавии ҷамъият аз ҳисоби дохилшавии шахси сеюм ҳиссаи муассисон метавонад бо қарори маҷлиси умумии муассисон тағйир ёбад. Дар ин ҳолат ҳиссаи муассиси дохилшаванда наметавонад аз дигар муассисон зиёд бошад. Дар ҳама ҳолат, чи дар ҳолати ташаккул додани сармоя, зиёдшавии сармоя агар аз ҳисоби амвол бошад, бояд аз ҷониби эксперти мустақил баҳо дода шавад.

Зиёд намудани ҳаҷми сармояи оинномавии ҷамъият тибқи талаботи моддаҳои 26 ва 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар асоси талаботи қонуни мазкур ҳангоми зиёд намудани ҳаҷми сармояи оинномавӣ муассис ва ё мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқӣ дар хусуси қабул намудани қарор мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатиро дар муддати 10 рузи корӣ хабардор сохта, ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд;

- аризаи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ;
- қарор ва ё протоколи маҷлиси умумии муассисон дар хусуси зиёд намудани сармояи оинномавӣ;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи зиёдшавии сармояи оинномавӣ;
- иқтибоси асл.

Дар сурати бо таври воқеӣ ташаккул додани сармояи оинномавӣ маълумотномаи бонк оид ба ворид гардидани маблағҳои нақдӣ ба суратҳисоби шахси ҳуқуқӣ (дар маълумотномаи бонк таъиноти маблағи воридгардида ҳатман нишон дода шуда бошад), яъне барои ташаккул додани сармоя равона карда шуда бошад. Дар сурати аз ҳисоби амвол ташаккул додани сармояи оинномавӣ хулосаи эксперти мустақил ҷиҳати муайян намудани арзишии воқеии амволи ба сармоя равонакардашуда пешниҳод карда мешавад.

**Амирҳамза ГУЛОВ,**
**сармутахассиси Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ТАЪСИСЁБӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТҲОИ САҲОМӢ

**Ҷамъияти саҳомӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.**



## Ҷамъиятҳои саҳомӣ аз чунин мафҳумҳо иборатанд:

- **ҷамъияти саҳомӣ** - ташкилоти тиҷоратие, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шуда, иштирокчиёни (саҳмдорони) он аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ масъулият надоранд ва таваккали зарари вобаста ба фаъолияти онро дар доираи арзиши саҳмияҳои марбуташон ба зимма доранд;

- **дорандаи номиналии саҳмияҳо** – шахси иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки молики саҳмияҳо намебошад ва манфиати саҳмдорро аз рӯи саҳмияҳои ӯ ҳимоя намуда, ҳуқуқи ӯро аз номи худ ва тибқи супориши молик дар асоси шартнома татбиқ мекунад;

- **суди (дивиденди) саҳмия** – қисми даромади софи ҷамъияти саҳомӣ, ки байни саҳмдорон мутаносибан ба миқдори саҳмия тақсим карда мешавад;

- **саҳмияи паҳнкардашуда** – саҳмияе, ки дар муомилоти бозори коғазҳои қиматнок мебошад. Миқдори ин саҳмияҳо ҳамчун фарқи миқдори умумии саҳмияҳо ва миқдори саҳмияҳое, ки дар тавозуни худи ҷамъияти саҳомӣ мебошанд, муайян карда мешавад;

- **саҳмияи имтиёзноки ҷамъшаванда (кумулятивӣ)** - саҳмияе, ки суди саҳмияаш аз ҳисоби набудани фоидаи ҷамъияти саҳомӣ пардохт нашудааст ва дар солҳои минбаъда ҷуброн карда мешавад;

- **саҳмияи номӣ** - саҳмияе, ки ба номи шахси муайян дода шуда, дар феҳристи саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ ба қайд гирифта мешавад. Фурӯш ва ба каси дигар додани ин намуди саҳмия дар асоси санади интиқолӣ (индоссамент) амалӣ гардонида мешавад;

- **тақсими оммавии саҳмияҳо ва вомбаргҳои ҷамъияти саҳомӣ, ки ба саҳмияҳо табдил дода мешаванд** – бо роҳи эълони оммавӣ, гузаронидани маъракаи рекламавӣ ва савдо дар байни мардуми сершумор, ки ҳайат ва миқдори онҳоро пешакӣ муайян кардан мумкин нест, тақсим кардани саҳмия ва вомбаргҳои ҷамъияти саҳомӣ;

- **шахсони бонуфуз** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки қодиранд ба субъектҳои хоҷагидори фаъолияти соҳибкорӣ таъсир расонанд. Шахсони бонуфузи ҷамъияти саҳомӣ шахсони мансабдори он (аъзои Шурои директорон (Шурои нозирон), аъзои мақоми коллегиявии иҷроия) ва саҳмдоре, ки дорои 20 фоиз ва аз ин бештари саҳмияҳои овоздиҳандаи онро дорад;

- **сармояи оинномавӣ** – сармояи ҳадди ақалли ҷамъияти саҳомӣ дар рӯзи таъсис, ки андозаи онро ҳамин Қонун муқаррар кардааст.

Қайд менамоям, ки тибқи муқаррароти моддаи 103 Кодекси маданӣ, саҳмдороне, ки арзиши саҳмияҳоро пурра напардохтаанд, аз рӯйи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ дар доираи қисми пардохтанашудаи арзиши саҳмияҳояшон ҷавобгарии муштарак доранд. Номи фирмавии ҷамъияти саҳомӣ бояд калимаҳои «ҷамъияти саҳомии пӯшида» ё «ҷамъияти саҳомии кушода» ва номи онро дар бар гирад.

Ҳуқуқу уҳдадориҳои саҳмдорон ва ҳолати ҳуқуқии ҷамъияти саҳомӣ мутобиқи Кодекси маданӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» (минбаъд- Қонун) муайян карда мешаванд. Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии ҷамъиятҳои саҳомие, ки бо роҳи хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ таъсис ёфтаанд, инчунин бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешаванд.

Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои қарзии молиявие, ки дар шакли ҷамъиятҳои саҳомӣ ташкил карда шудаанд, ҳуқуқу уҳдадориҳои саҳмдорони онҳо инчунин бо қонунгузорие, ки фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявиро танзим мекунад, муайян карда мешаванд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 106 Кодекси маданӣ, муассисони ҷамъияти саҳомӣ байни худ шартномае мебанданд, ки тартиби аз ҷониби онҳо анҷом додани фаъолияти якҷоя оид ба таъсиси ҷамъият, андозаи сармояи оинномавии ҷамъият, навъҳои саҳмияҳои баровардашаванда ва тартиби паҳн кардани онҳо, инчунин шартҳои дигарро, ки Қонун пешбинӣ кардааст, муайян менамоянд. Шартномаи таъсисии ҷамъияти саҳомӣ ба таври хаттӣ баста мешавад.

Муассисони ҷамъияти саҳомӣ аз рӯйи уҳдадориҳо то бақайдгирии ҷамъият бамиёномада ҷавобгарии муштарак доранд. Ҷамъият аз рӯйи уҳдадориҳои муассисон, ки бо таъсиси он алоқамананд, танҳо дар ҳолате ҷавобгарӣ дорад, ки амали онҳо минбаъд аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон маъқул дониста шавад.

Ҳуҷҷати таъсисии ҷамъияти саҳомӣ оинномаи аз ҷониби муассисони он тасдиқгардида мебошад. Оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ғайр аз маълумоти дар моддаи 53 Кодекси маданӣ, инчунин бояд шартҳоро дар бораи навъҳои саҳмияҳои мебаровардаи ҷамъият, арзиши номиналӣ ва миқдори онҳо; дар бораи андозаи сармояи оинномавии ҷамъият; ҳуқуқи саҳмдорон; дар бораи ҳайат ва салоҳияти мақомоти идораи ҷамъият ва тартиби қабул намудани қарор, аз он ҷумла доир ба масъалаҳое, ки аз рӯйи онҳо қарор якдилона ё бо аксарияти мутлақи овозҳо қабул мешавад, дар бар гирад. Дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ инчунин бояд маълумоти дигари пешбининамудаи Қонун дарҷ гардад.

Тартиби анҷом додани амалҳои дигар оид ба таъсиси ҷамъияти саҳомӣ, аз он ҷумла салоҳияти маҷлиси муассисон, бо Қонун муайян карда мешавад. Ҷамъияти саҳомӣ метавонад аз ҷониби як шахс таъсис дода шавад ё дар ҳолати тамоми саҳмияҳои ҷамъияти саҳомиро харидани як саҳмдор аз як шахс иборат бошад.

Инчунин мутобиқи муқаррароти моддаи 107 Кодекси маданӣ, сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ аз арзиши номиналии саҳмияҳои аз ҷониби саҳмдорон харидашудаи ҷамъият ташкил меёбад. Сармояи оинномавии ҷамъият андозаи ҳадди ақалли молу мулки ҷамъиятро муайян мекунад, ки манфиати кредиторони онро кафолат медиҳад. Он аз андозаи пешбининамудаи ин Қонуни камтар буда наметавонад.

Аз уҳдадории пардохти арзиши саҳмияҳои ҷамъият озод кардани саҳмдор, аз он ҷумла бо роҳи баҳисобгирии талабот ба ҷамъият аз ин уҳдадорӣ озод кардани он роҳ дода намешавад.

Ба паҳнкунии озоди саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ то лаҳзаи пардохти пурраи сармояи оинномавии он роҳ дода намешавад. Ҳангоми таъсиси ҷамъияти саҳомӣ тамоми саҳмияҳои он бояд байни муассисон тақсим карда шавад.

Агар баъди ба охир расидани соли дуюм ва ҳар соли минбаъдаи молиявӣ арзиши дороии софи ҷамъияти саҳомӣ аз сармояи оинномавӣ камтар гардад, ҷамъият уҳдадор аст дар хусуси кам кардани сармояи оинномавии худ то андозае, ки аз арзиши дороиҳои софи он зиёд намебошад, эълон кунад ва дар ин бора бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои ворид намудани маълумот ба феҳристи дахлдори давлатии шахсони ҳуқуқӣ ариза пешниҳод намояд. Дар сурати иҷро нагардидани уҳдадориҳои мазкур ва ё агар арзиши дороиҳои софи ҷамъият аз андозаи ҳадди ақалли дар қонун муайянгардидаи сармояи оинномавӣ камтар гардад, ҷамъият бояд барҳам дода шавад.

Ҳамчунин бақайдгирии ҷамъияти саҳҳомӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, таҳти №508 амалӣ карда мешавад.

Ҷамъияти саҳомӣ бояд дорои муҳри мудаввар бо зикри номи пурраи фирма ба забони давлатӣ бошад. Дар муҳр ҳамчунин метавонад номи фирмавии ҷамъияти саҳомӣ бо ҳама гуна забони дигар сабт гардад.

Ҷамъияти саҳомӣ дар шаклҳои кушода ва пӯшида таъсис дода мешавад, ки он дар оиннома ва дар номи фирмавиаш бояд номгӯи худ калимаҳои «Ҷамъияти саҳомии кушода (ҶСК)» ё «Ҷамъияти саҳомии пӯшида (ҶСП)» дошта бошад.

Маҳалли ҷойгиршавии ҷамъияти саҳомӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳои таъсисии он муайян карда мешавад. Ҷамъияти саҳомӣ бояд дорои суроғаи почта бошад, ки тавассути он бо вай робита мекунанд.

Ҷамъияти саҳомӣ шахси ҳуқуқӣ ва дорои молу мулки алоҳида мебошад, ки дар тавозуни мустақили он ба ҳисоб гирифта шуда, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсиро ба даст орад, дорои уҳдадорӣ бошад, дар суд ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад кунад.

**Қаландар АЪЗАМОВ,**
**сармутахассиси Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ "Маҳсулоти Бунафш" (РЯМ 0310021745) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ "Беҳмеъмор" (РЯМ 0410038567) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ "Балх Сохтмон" (РЯМ 0410037174) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ "Анаҳита 2016" (РЯМ 0210024183) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ "ҚАҲВАИ ТАЛХ" (РМА 020054212) воқеъ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

■ Ассотсиатсияи истифодабарандогони оби "Шоҳзода" (РЯМ 0510007704) воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Зиё - нур» (РМА 680005498) воқеъ дар ноҳияи Ашт, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Саховат 2014» (РЯМ 6810003081) воқеъ дар ноҳияи Ашт, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Дӯстони Дурахшон» (РЯМ 6310014398) воқеъ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Сохтмони заррин» (РЯМ 5110020814) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Музаффар и К - 1» (РЯМ 5810005218) воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Алишер и К» (РЯМ 5810004466) воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Моҳибирёни Амон» (РЯМ 6310012491) воқеъ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Баракат сохтмон» (РЯМ 1610004926) воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Пӯлоди оҳан» (РЯМ 1910006936) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Дунёи Умед» (РЯМ 1910004800) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад.

■ КТ «Абумуслим 1» (РЯМ 5810002715) воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, барҳам мехӯрад.

■ КТ «Кишоварзони Зафаробод» (РЯМ 5410004747) воқеъ дар ноҳияи Зафаробод, барҳам мехӯрад.

■ КТ «Зарбдори Зафаробод» (РЯМ 5410003445) воқеъ дар ноҳияи Зафаробод, барҳам мехӯрад.

■ КТ "Махмади Р" (РЯМ 3210001447) воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, барҳам мехӯрад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Шаҳодатнома ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ Умаров Мирзоиброҳим (РЯМ 0130160296) аз ноҳияи Шоҳмансур, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғуломов Ҳукматулло (РЯМ 0331205802) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мунаваров Мирмаҳмуд (РЯМ 0330043615) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ ДНХ "Миника 1105" таҳти №2014862 мутааллиқ ба ҶДММ "ПОЙТАХТ СОХТМОН" (РЯМ 5110022555) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома, иқтибос ва РМА мутааллиқ ба Муассисаи давлатии клуби футболи шаҳри "Ваҳдат" (РЯМ 0510007456) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданашон, беэътибор дониста шаванд.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба ХД "Нигора" (РЯМ 0530041692) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ниёзов Диловар (РЯМ 0430255696) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳакимов Оламафрӯз (РЯМ 6230035195) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сангинов Ҳотам (РЯМ 6330095585) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Иброгимова Аниса (РЯМ 6830063195) аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сайфуллоев Замчипаҳлавон (РЯМ 5830062719) аз ноҳияи Мастчоҳ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Охунов Меҳрубон (РЯМ 5830070721) аз ноҳияи Мастчоҳ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Дадобоев Акмал (РЯМ 5130101479) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Дадобоева Дилрабо (РЯМ 5130079525) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нозимов Зафар (РЯМ 1630053517) аз ноҳияи Шаҳринав бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Камилов Қобилҷон (РЯМ 5130239135) аз шаҳри Хуҷанд, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Юлдошев Улуғбек (РЯМ 5930043155) аз ноҳияи Спитамен, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси соҳибкори инфиродӣ Махмудова Сарвиноз (РЯМ 5930106747) аз ноҳияи Спитамен, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба ҶДММ «Солиҷон» (РЯМ 5710003879), аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба ҶДММ «Ҳоҷӣ Акбар» (РЯМ 6210002178), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба КТ «Дашти форам» (РЯМ 5910002945), аз ноҳияи Спитамен, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ мутааллиқ ба АИО «Оби Т. Улҷабоев» (РЯМ 5910004962) аз ноҳияи Спитамен, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ ДНХ "Миника1105Ф" таҳти №2017491 мутааллиқ ба соҳибкори инфиродӣ Сафаров Сорбон (РЯМ 1230045071) аз ноҳияи Исмоили Сомонӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Асроров Нуралӣ (РЯМ 0530224265) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома, иқтибос ва РМА мутааллиқ ба ҶДММ "Помир Ҳисоб" (РЯМ 7010004055) аз шаҳри Хоруғ, бинобар гум шуданашон, беэътибор дониста шаванд.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҷураев Қобилҷон (РЯМ 0430083601) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!

Бо мақсади дуруст ба ҳисоб гирифтани даромадҳои андозсупорандагон аз ҳисоби савдои электронӣ, дар эъломияҳои андози низоми содакардашуда ва андоз аз арзиши иловашуда замимаи алоҳида ҷойгир карда шудааст.

Бинобар ин, андозсупорандагоне, ки дар соҳаи тиҷорати электронӣ фаъолият менамоянд ва ё дар баробари фаъолият дар мағоза, нуқтаи савдо ва хизматрасонии иловагӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасониро амалӣ мекунанд, уҳдадоранд ҳангоми таҳия ва пешниҳоди эъломияҳои андозӣ замимаи мазкурро пур ва ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

### Тартиби пур кардани замима оид ба даромадҳои андозсупорандагон аз ҳисоби тиҷорати электронӣ

Дар эъломияҳои андози инзоми содакардашуда ва андоз аз арзиши иловашуда замимаҳои алоҳида оид ба "Даромад аз ҳисоби савдои электронӣ" ҷойгир карда шудааст.

Таҳия ва пешниҳоди замимаҳои мазкур бо тартиби мазкур анҷом дода мешавад:

1. Дар сатри "Номгӯйи мол ва хизматрасонӣ" номгӯйи хизматрасониҳоеро, ки андозсупоранда анҷом медиҳад карда мешавад.

2. Дар сатри "Номгӯйи сомонаи иҷтимоӣ ва суроғаи электронӣ" суроғаи электронии сомонае, ки андозсупоранда аз он истифода менамояд дарҷ карда мешавад.

3. Дар сатри "Воҳиди ченак" миқдори молу маҳсулоти ба фурӯш баровардашуда аз он ҷумла шумора, вазн (килограмм), баста ва ғайраҳо нишон дода мешавад.

4. Дар сатри шакли пардохт ба таври нақдӣ ё ғайринақдӣ пардохт намудани таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дарҷ карда мешавад.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ бо истифода аз телефони содашудаи 151 ба Маркази тамос ё телефони боварии 2330905 ба Кумитаи андоз муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Муҳтарам шаҳрвандон ва андозсупорандагон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шумо хоҳиш менамояд, ки маблағи андозҳои ҳисобшудаи худро мустақилона танҳо дар шакли ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохти бонкӣ дар нуқтаҳои хизматрасонии «Амонатбонк», ҳамёни электронӣ ё замима барномаҳои мобилии «Амонат-мобайл» ва дигар бонкҳо, ки барои қабули маблағи андозҳо ваколатдор шудаанд, ба буҷет пардохт намоед.

Дар сурати ба нозирони мутасаддии андоз ё дигар шахсон додани маблағи андоз эҳтимолияти ба буҷети давлатӣ ворид нашудани андозҳо ва ҳамзамон боиси дар ҳисобварақаи шумо ба вуҷуд омадани маблағи қарзи андоз мегардад.







# ТАФТИШИ ҲУҶҶАТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ



Яке аз хизматрасониҳои электронӣ, ки дар сомона ҷойгир карда шудааст “Тафтиши ҳуҷҷатҳои электронӣ” мебошад. Бо истифода аз ин намуди хизматрасонӣ андозсупоранда метавонад ҳуҷҷатҳои худро онлайн тафтиш намояд. Барои истифода аз ин намуди хизматрасонӣ андозсупоранда метавонад ба сомонаи Кумитаи андоз бо нишонии www.andoz.tj ворид гардида, фармони “Тафтиши ҳуҷҷатҳои электронӣ”-ро интихоб намояд. Ҳангоми ворид шудан ба равзана, амалҳои зеринро пай дар пай анҷом додан зарур аст. Дар аввал аз рӯйхати номгӯйи ҳуҷҷатҳо намуди ҳуҷҷат (барои мисол “Маълумотнома оид ба қарздор набудан”)- ро интихоб намуда, баъдан РМА-и худро ворид намоед. Дар қисматҳои дигар рақам ва санаи судури ҳуҷҷатро дохил намуда, аз қисмати поёнии равзана рамзи дар тасвир пайдошударо ба хоначаи холӣ пур кардан зарур аст. Пас аз анҷом додани амали мазкур бо пахши тугмаи “Тафтиш” метавон ба натиҷа расид.

# ТОҶИКОН - АВВАЛИН КОШИФОНИ КАЙҲОН



Имрӯз маълум шудааст, ки куррашакл будани Замин, дар атрофи меҳвари худ ва атрофи Офтоб давр задани онро чандин аср қабл аз ғарбиён донишманди маъруф Берунӣ кашф кардааст. Воқеан, Берунӣ аввалин олимест, ки дар ин ҷода тадқиқоти илмӣ анҷом додааст ва тазкираи илмии ӯ яке аз барҷастатрин манбаъҳои омӯзиши кайҳон маҳсуб меёбад. Аввалин маротиба дар ҷаҳон Берунӣ ҳисоб кардани масоҳати заминро ошкор сохт, ки дар Аврупо бо номи «қоидаи Берунӣ» маъруф аст. Аввалин донишманде, ки дар ҷаҳон хамии мадори Офтобро муайян кардааст, ал-Фарғонии тоҷик аст. Қутбиддини Шерозӣ 300 сол қабл аз олими маъруфи Ғарб Декарт чигунагии рангинкамонро ошкор карда буд. Китобҳои астрономии ал-Фарғонӣ бештар аз 700 сол китобҳои асосии дарсии астрономии аврупоиён буд. Аввалин маротиба дар ҷаҳон доғҳои рӯйи Офтобро ал-Фарғонӣ маълум кардааст. Тақвими нуҷумии Умари Хайём яке аз дақиқтарин тақвимҳо дар илми ҷаҳонист. Системаи солшумории пешниҳоднамудаи ӯ ҳатто аз солшумории григорианӣ, ки дар Аврупо хеле маъруф аст, дақиқтар аст. Камолиддини Форсӣ фарзияи мавҷӣ ва зарравии нурро пешниҳод кардааст, ки баъдан дар Аврупо олимон Нютон, Декарт ва дигарон аз ӯ пайравӣ намуданд. Аввалин маротиба Абӯбакри Розӣ исбот намуд, ки дар фазо ҷойи холӣ мавҷуд аст. Аввалин маротиба дар ҷаҳон донишмандони тоҷик (се бародарони Мӯсои Хоразмӣ дар қарни 9-10) дарозии даври Заминро бо усули ихтироъкардаи худ чен карданд, ки хеле маъруф аст.



# АСРОРИ ХОЛГУЗОРӢ ДАР ҲИНДУСТОН

Онро холи ҳиндӣ меноманд ва он на барои зебоӣ, балки барои таъкид кардани мақоми иҷтимоии шахс лозим аст. Зане, ки дар пешонааш бо ранги сурх хол дорад маънои онро дорад, ки ӯ оиладор аст ва дини ҳиндуиро эътироф мекунад. Духтарони бешавҳар метавонанд дар рӯи худ бо ранги сиёҳ хол гузоранд ва холи зард ба занҳои аз шавҳар ҷудогашта гузошта мешавад.Ин аломатҳоро нест кардан қатъиян манъ аст, зеро ҷазо метавонад ҷазои оммавӣ бошад.

Дар пешонии мардон одатан ҳамсар ё хоҳари онҳо нуқта мекашанд. Хол бо ранги сурх рамзи коҳинон ва олимон, сиёҳ рамзи ҷанговарон ва зард рамзи деҳқонони одӣ мебошад.

Гузоштани холҳои нодуруст ҷавобгарӣ дошта, мардонеро, ки худро одамони табақаи дигар муаррифӣ мекунанд, метавонанд дар назди омма латукӯб ва оилаҳои онҳоро таҳқир кунанд.

# Ҳикмати бузургон

Рӯбоҳ пӯсташро иваз мекунаду рафторашро не.

x x x

Чӯпони хуб пашми гӯсфандро метарошад, на пӯсташро.

x x x

Ҳар кӣ ғайбатчиҳоро сарзаниш намекунад, ситоишгари онҳост.

***Светоний (тақрибан солҳои 70-140 то милод) - муаррих***

Инсон барои инсон бояд муқаддас бошад.

x x x

Ногузириро шарафмандона таҳаммул кун.

x x x

Зиндагиро на барои тӯлонӣ буданаш, балки ҳамчу масал барои мазмунаш қадр мекунанд.

x x x

Дарозии умр муҳим нест, балки бошарафона зистан муҳим аст.

x x x

Одам то зинда аст, бо умед бояд зиндагӣ кунад.

***Сенека (тақрибан солҳои 4-65 то солшумории мо) - файласуф***

# ОЁ МЕДОНЕД?

■ Дар музофоти Ҳунани Чин дӯконе мавҷуд аст, ки дар баландии 120 метр дар танаи кӯҳ ҷойгир аст. Он ба куҳнавардон ҳангоми баландшавӣ хӯрокҳои зарурӣ, нӯшокӣ ва маводи ғизоӣ мефурӯшад.



■ Ватани чупа-чупс Испания мебошад. Ин ширинирo бори аввал Энрике Бернат соли 1958 омода намудааст.

■ Аввалин маротиба метро дар Британияи Кабир, шаҳри Лондон пайдо шудааст ва аввалин истгоҳи метро Бейкер Стрит буд, ки он соли 1863 сохта шуд.

■ Аломати таваққуф, гузаргоҳи пиёдагардон, гардиши ҳаракат, кӯчаи яктарафа, истгоҳи таксӣ ва маҳалҳои бехатарии пиёдагардонро ихтироъ кардааст, Вилям Фелпс Эно мебошад. Вилям мошин ронда наметавонист.

■ Донишгоҳи Оксфорд соли 1096 таъсис ёфтааст. Ин дуввумин донишгоҳи қадимтарин ва англисӣ дар ҷаҳон мебошад. Дар Оксфорд муддати тӯлонӣ танҳо таҳсилоти динӣ мавҷуд буд.

■ Аввалин театр дар Юнони Қадим пайдо шуд. Он як сохтори хеле калон дар ҳавои кушод буд, ки дар он давраҳо нишастгоҳҳо барои тамошобинон нимдоира дар болои саҳна ҷойгир буд. Дар он давраҳо дар театр ҳамагӣ ду жанри саҳнавӣ- фоҷиа ва мазҳакаро ба саҳна мегузоштанд, ки дар мавзуъҳои таърихӣ ё мифологӣ навишта шуда буданд.



Ин саҳифа аз маводи Интернет омода шудааст.

Бочу Хироч

МУАССИС:
КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир
Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
**ДАВЛАТЗОДА Н. М.** - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С.** - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; **СОЛЕҲЗОДА А. М.** - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **МЕЛИКЗОДА К.Н.** - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ЮСУФӢ П. С.** - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **НУРЗОДА Ҷ.** - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ҲОТАМЗОДА Ҳ.** - сардори Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо; **ВОҲИДОВ А.** - муовини сармуҳаррир - котиби масъули рӯзномаи «Бочу хироҷ»; **НИГМАТОВ М.** - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Бочу хироҷ».

Дар рӯзнома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Рӯзнома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**Тел:** 233-55-31 (мухбирон), 233-08-40 (қабулгоҳ), 44-600-41-76 (бахши обуна)

**Навбатдор:** Инобат САДИРОВА

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

***Суроға:*** *ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Нозироти андоз дар н.Фирдавсӣ*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 114642**